БОНКИ
МИЛЛИИ
ТОҶИКИСТОН

# ҲИСОБОТИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ





2025

## ПЕШГУФТОР

Ҳисоботи суботи молиявӣ ҳамасола таҳия карда шуда, таҳлил аз рӯйи хавфҳои берунӣ, макроиқтисодӣ, низоми бонкӣ ва баҳодиҳии таъсири онҳоро дар давраи минбаъда ҷиҳати андешидани тадбирҳо бахри коҳиш додани хавфҳо ва вусъат додани миёнаравии молиявӣ дар бар мегирад.

Маводи мазкур тибқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва Низомномаи №213 "Дар бораи Кумитаи суботи молиявии Бонки миллии Тоҷикистон" таҳия гардидааст.

Маълумоти дар ҳисобот дарҷгардида ба ҳолати 31 декабри соли 2025 асос ёфтааст. Дар ҳолати тағйир ёфтани усулҳои баҳисобгирӣ ё маълумоти қаблан истифодашуда дар ҳисобот, тағйирот дар нашрияҳои минбаъда имконпазир аст.

Ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфузанд. Нусхабардорӣ ё истифодаи маълумоти дар ҳисобот инъикосёфта бо дарҷи манбаъ иҷозат дода мешавад.

© 2025 Бонки миллии Тоҷикистон

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 38/1;

тел.: + (992) 44 600-32-27
факс: + (992) 44 600-32-35
сомона: www.nbt.tj

e-mail: info@nbt.tj

# МУҚАДДИМА


1. **БАХШИ УМУМӢ ........................................................ 3**

2. **ФАЗОИ МАКРОИҚТИСОДИИ ДОХИЛИЮ БЕРУНӢ ВА ДУРНАМО....... 4**

    2.1. Вазъи иқтисоди ҷаҳон ........................................ 4

    2.2. Вазъи макроиқтисодии кишвар ........................................ 8

    2.3. Вазъи бозори молиявӣ ........................................ 12

    2.4. Вазъи бозори амволи ғайриманқул ........................................ 14

    2.5. Вазъи бозори меҳнат ........................................ 16

3. **ВАЗЪИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ........................................ 18**

    3.1. Шарҳи низоми молиявӣ ........................................ 18

    3.2. Хавфҳо дар низоми бонкӣ ........................................ 19

        3.2.1. Хавфи тачаммуъ ........................................ 19

        3.2.2. Хавфи асъорӣ ........................................ 20

        3.2.3. Хавфи қарзӣ ........................................ 21

        3.2.4. Хавфи пардохтпазирӣ ........................................ 23

        3.2.5. Хавфи даромаднокӣ ........................................ 24

        3.2.6. Хавфи қобили пардохт ........................................ 26

        3.2.7. Хавфи ҳамбастагӣ........................................ 27

        3.2.8. Хавфи чуғрофӣ ........................................ 28

4. **НИЗОМИ ПАРДОХТ ........................................ 29**

5. **НИЗОМИ СУҒУРТА ........................................ 32**

6. **КОРҲОИ АНҶОМШУДА ДАР САМТИ ТАЪМИНИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ 36**

**ИХТИСОРАҲО ........................................ 40**

## 1. БАХШИ УМУМӢ

Ҳисоботи суботи молиявӣ дар доираи таҳлилҳои мушаххас осебпазирии ҳолати ҷории иқтисоди миллӣ ва низоми молиявии ҶТ-ро нисбат ба хавфҳои дохилӣ ва берунӣ муайян месозад. Баҳодиҳии хавфҳои мазкур ва пешомади онҳо дар харитаи хавфҳои бахши дахлдор инъикос карда мешаванд. Дар давраи ҳисоботӣ иқтисоди кишвар бо вуҷуди номуайяниҳо дар иқтисоди ҷаҳон ва идома ёфтани мухолифатҳои тиҷоратию сиёсӣ бо назардошти таъсири эҳтимолии онҳо муътадил арзёбӣ мегардад.

***Ҷадвали 1. Харитаи хавфҳо***

| Намуди хавф | Баҳодиҳӣ | | | | | Ояндабинӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | |
| **Хавфҳои берунӣ** | **2,7** | **2,8** | **3,0** | **2,8** | **2,6** | ↑ |
| **Хавфи макроиқтисодӣ** | **3,6** | **2,7** | **2,9** | **2,4** | **2,4** | ↔ |
| **Хавфи устувории қарзи давлатӣ** | **4,0** | **3,0** | **2,8** | **3,0** | **3,4** | ↔ |
| **Хавфи тамаммуъ** | **5,0** | **5,0** | **5,0** | **5,0** | **5,0** | ↔ |
| **Хавфи асъорӣ** | **4,0** | **3,2** | **3,7** | **3,7** | **3,6** | ↔ |
| **Хавфи қарзӣ** | **2,8** | **3,1** | **2,9** | **2,0** | **2,8** | ↑ |
| **Хавфи пардохтпазирӣ** | **2,6** | **3,2** | **3,4** | **3,4** | **3,4** | ↔ |
| **Хавфи даромаднокӣ** | **2,6** | **1,8** | **1,6** | **1,8** | **1,8** | ↔ |
| **Хавфи қобили пардохт** | **2,3** | **1,7** | **2,0** | **1,6** | **1,6** | ↔ |

***Эзоҳ:***

| Ранг | Ҳолати хавф | Ҳолгузорӣ |
|---|---|---|
| | Паст | 0 то 1,5 |
| | Миёна | 1,6 то 2,5 |
| | Осебпазир | 2,6 то 3,5 |
| | Баланд | 3,6 то 4,5 |
| | Ниҳоят баланд | 4,6 то 5 |

*Баҳодиҳии таъсири пешомади хавфҳо (бахши ояндабинӣ) аз рӯйи се ҳолат бо тирчаҳои самтдор нишон дода шудааст:* ***коҳишёбии хавф (тирчаи самти поён дошта), бетағйир мондани сатҳи хавф (тирчаи ду самт дошта) ва болоравии хавф (тирчаи самти боло дошта)*** .

# 2. ФАЗОИ МАКРОИҚТИСОДИИ ДОХИЛИЮ БЕРУНӢ ВА ДУРНАМО

## 2.1. Вазъи иқтисоди ҷаҳон

**Дар соли 2025 иқтисоди ҷаҳон, бинобар идомаёбии вазъи ногувори сиёсии ҷаҳон, инчунин мунокишаҳои минтақавӣ ва низоъҳои ҳарбию тиҷоратӣ, зиёдшавии номуайянии сиёсати иқтисодӣ, ҷорӣ гардидани таҳримҳои нави иқтисодӣ байни кишварҳои абарқудрат, канда шудани занҷираи таҳвил, ноустувории нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим, ноустувор ва мураккаб буд. Иқтисодиёти ҶТ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳон аз омилҳои беруна ва аз тағйирёбиҳои номусоиди иқтисодиёти кишварҳои минтақа вобаста мебошад.**

Тибқи баҳогузории таҳлилгарони ХБА рушди иқтисодиёти ҷаҳон дар соли 2025 3,3 фоизро ташкил дода, дурнамо барои соли 2026 дар сатҳи 3,3 фоиз ва барои соли 2027 дар сатҳи 3,2 фоиз пешгӯӣ карда мешавад, ки дар муқоиса ба қимати миёнаи рушди иқтисоди ҷаҳон (3,7 фоиз) дар солҳои 2000-2019 пасттар мебошад. Илова бар ин, тағйирёбии рушди иқтисодӣ дар кишварҳои рушдёбанда дар солҳои 2026-2027 дар сатҳи бештар аз 4,0 фоиз пешгӯӣ карда мешавад. Интизорӣ меравад, ки бо назардошти афзоиши ҳаҷми истихроҷи нафт, устувории талаботи дохилӣ ва идомаи ислоҳот, рушди иқтисодиёт дар минтақаи Ховари Миёна ва Осиёи Марказӣ аз 3,7 фоиз дар соли 2025 то ба 3,9 фоиз дар соли 2026 ва то ба 4,0 фоиз дар соли 2027 боло равад.[1]

Бо вуҷуди устувор будани рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, суръати он нисбат ба давраи пеш аз пандемия пасттар боқӣ мемонад. Ин нишон медиҳад, ки иқтисоди ҷаҳон ба марҳилаи рушди суст, вале нисбатан устувор ворид гардидааст.

Коршиносони БҶ рушди иқтисоди ҷаҳонро дар соли 2025 дар сатҳи 2,7 фоиз баҳогузорӣ намуда, барои солҳои 2026 ва 2027 мувофиқан дар сатҳи 2,6 фоиз ва 2,7 фоиз пешгӯӣ кардаанд[2].

Истифодаи самараноки пешрафти технологӣ, хусусан рақамикунонӣ, ҷорӣ намудани зеҳни сунъӣ, сармоягузорӣ ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва низоми каммасрафи энергетикӣ, метавонад суръати афзоиши маҳсулнокиро тезонида, имкониятҳои рушди иқтисодиро густариш диҳад.

Ҷоринамоии босуръати зеҳни сунъӣ метавонад маҳсулнокиро ба таври назаррас беҳтар намуда, дурнамои рушди миёнамуҳлатро тезтар аз интизорӣ тақвият бахшад. Суръати баланди навовариҳо метавонад тамоюли рушди фаъолияти соҳибкориро тавсеа диҳад. Дар натиҷа, рушди иқтисоди ҷаҳонӣ метавонад дар соли 2026 то 0,3 б.ф. афзуда, дар давраи миёнамуҳлат ҳар сол вобаста ба суръати ҷоришавии зеҳни сунъӣ ва сатҳи омодагии кишварҳо аз 0,1 б.ф. то 0,8 б.ф. баланд шавад.

Тибқи ақоиди коршиносони байналмилалӣ бознигарии интизориҳо нисбат ба афзоиши маҳсулнокӣ дар натиҷаи истифодаи зеҳни сунъӣ метавонад ба коҳиши сармоягузорӣ оварда расонад ва ислоҳи ногаҳонии бозорҳои молиявиро ба вуҷуд орад. Танишҳои тиҷоратӣ метавонанд аз нав шиддат гиранд, ки боиси идомаи номуайянӣ ва таъсири манфии бештар ба фаъолияти иқтисодӣ мегарданд. Ҳамчунин, танишҳои сиёсати дохилӣ ё геосиёсӣ метавонанд сар зананд, ки сатҳи нави номуайяниро ба миён оварда,

[1] IMF “World Economic Outlook”, January 2026.
[2] World Bank Group “Global Economic Prospects”, January 2026.

иқтисоди ҷаҳониро тавассути таъсир ба бозорҳои молиявӣ, занҷираи таъминот ва нархҳои молҳои асосӣ халалдор созанд.

Татбиқи сиёсате, ки ба таҳкими субот ва баланд бардоштани устувории дурнамои рушди миёнамуҳлат равона шудааст, диққати ҷиддиро ба барқарорсозии захираҳои фискалӣ, ҳифзи суботи нархҳо ва низоми молиявӣ, коҳиш додани номуайянӣ ва татбиқи бетаъхири ислоҳоти сохторӣ талаб менамояд.

Дар соли 2025 нархи нафт дар сатҳи паст боқӣ монда, интизорӣ меравад, ки бинобар рушди сусти талаботи ҷаҳонӣ ва афзоиши устувори пешниҳоди нафт минбаъд низ коҳиш ёбад. Ҳамчунин, бо назардошти коҳишёбии талаботи энергетикӣ дар шароити номуайянӣ, чандиртар шудани талаботи захиракунии Иттиҳоди Аврупо ва дурнамои пешниҳоди кофии гази моеъ дар давраи миёнамуддат, эҳтимоли дар сатҳи нисбатан маҳдуд боқӣ мондани нархи гази табиӣ ҷой дорад[3].

Дар соли 2025 нархи молҳои асосӣ (энергия, металлҳо, ашёи хом) коҳиш ёфта, дар солҳои 2026 – 2027 бо эҳтимоли зиёд дар сатҳи нисбатан паст боқӣ мемонанд.

Дар соли 2025 сатҳи таварруми ҷаҳонӣ, бинобар сустшавии талаботи ҷаҳонӣ ва қавитар шудани сиёсати пулӣ дар кишварҳои рушдёфта, то ба 4,1 фоиз коҳиш ёфт. Интизорӣ меравад, ки бинобар пастшавии нархи молҳои асосӣ ва талаботи дохилӣ, инчунин нархи бозори меҳнат, сатҳи таваррум то ба 3,4 фоиз дар соли 2026 ва 3,8 фоиз дар соли 2027 коҳиш меёбад. Аммо, бинобар ноустувории сиёсати иқтисодӣ, натиҷаҳои гуногуни таваррум имконпазир мебошанд. Таварруми паст ва назоратшаванда калиди устувории макроиқтисодӣ, ки вазифаи асосии сиёсати пулию қарзӣ ҳисобида мешавад, мебошад.

Ҳамзамон, пастшавии нархҳои миёнасолонаи нафт ва маводи сӯзишворӣ, аз ҷумла бензин ва газ дар соли 2025, яке аз омилҳои асосии коҳишёбии сатҳи таваррум дар бештари кишварҳои ҷаҳон маҳсуб меёбад. Дар робита ба ин, нархи як баррел нафти навъи Брент аз 73,8 долл ИМА дар моҳи декабри соли 2024 то ба 62,7 долл ИМА дар моҳи декабри соли 2025 коҳиш ёфта, дар соли 2026 коҳишёбии он ба ҳисоби миёна то ба 60 долл ИМА пешгӯӣ карда мешавад. Бо назардошти афзоиши истеҳсоли нафт дар соли 2025, бозорҳои нафт дар соли 2026 бо эҳтимолияти зиёд бо номутавозунии афзоянда ва пешниҳоди аз ҳад зиёд рӯ ба рӯ хоҳанд шуд[4].

***Диаграммаи 2.1. Тағйирёбии нархи маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ***







*Манбаъ: маълумоти БҶ.*

[3] IMF "World Economic Outlook", January 2026.
[4] World Bank Group "Global Economic Prospects", January 2026.

Талаботи афзуншаванда нисбат ба металлҳо барои дастгирии гузариш ба энергияи сабз, фаъолияти сусти соҳаи саноатро (бахусус дар Чин, ки тақрибан нисфи истеъмолоти ҷаҳонии металлро ташкил медиҳад) ҷуброн намуда, ба устувории нархи ҷаҳонии металлҳо дар солҳои 2026 – 2027 мусоидат хоҳад намуд. Бояд қайд намуд, ки нархи тилло дар соли ҳисоботӣ, бинобар талаботи зиёди сармоягузорон, идомаи харид аз ҷониби бонкҳои марказӣ ва пардохтпазир будани он дар шароити номуайянии сиёсӣ ва танишҳои геосиёсӣ тақрибан ба андозаи 42,0 фоиз афзуда, эҳтимолияти боқӣ мондани тамоюли мазкур дар ду соли оянда дар назар аст[5].

Тибқи дурнамо дар соли 2026 эҳтимолияти коҳишёбии сатҳи таваррум ва идома ёфтани рушди устувор дар аксари кишварҳо дар назар аст. Новобаста аз ин, хавфҳои асосӣ, ба монанди сиёсати ноустувори иқтисодӣ, низоъҳои геосиёсӣ ва тағйирёбии иқлим, метавонанд рушди иқтисоди ҷаҳонро сусттар намоянд.

Илова ба хавфҳои марбут ба сиёсати иқтисодӣ, танишҳои геосиёсӣ метавонанд шиддат гирифта, боиси болоравии навбатии нархи молҳо шаванд. Дар баробари ин, мунокишаҳо дар Ховари Миёна ва Украина, инчунин Венесуэла метавонанд бадтар шуда, мустақиман ба роҳҳои савдо, инчунин нархи ғизо ва энергия таъсир расонанд. Кишварҳои воридкунандаи мол метавонанд махсусан осебпазир бошанд, зеро болоравии нархи молҳо дар баробари устувор гардидани доллари ИМА таъсири ногувори стагфлятсионӣ хоҳад дошт.

Дар баробари ноустувории вазъи сиёсӣ ва иқтисоди ҷаҳон масъалаи тағйирёбии иқлим ва пайомадҳои он солҳои охир ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Чунки тағйирёбии иқлим ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти тамоми кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла хушкшавии заминҳо, коҳишёбии ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, зиёдшавии сарборӣ ба соҳаи энергетика, бад шудани вазъи экологӣ, зиёдшавии бемориҳо ва дар маҷмуъ ба сатҳи зиндагии аҳолии ҷаҳон таъсири худро мерасонад.

Тибқи маълумоти Раёсати омори давлатии Чин дар соли 2025 рушди иқтисоди ин кишвар 5,0 фоизро ташкил дод. Дар соли ҳисоботӣ бо вуҷуди коҳиш ёфтани талаботи дохилӣ, идомаи таназзул дар бахши амволи ғайриманқул, инчунин номуайянии беруна вобаста ба сиёсати тарифии ИМА, Чин тавонист ба сатҳи ҳадафии рушди иқтисодӣ бирасад.

***Диаграммаи 2.2. Рушди иқтисодиёт дар кишварҳои шарикони асосии савдои ҶТ***




***Диаграммаи 2.3. Таваррум дар кишварҳои шарикони савдо дар соли 2025***




*Манбаъ: маълумоти пешакӣ аз сомонаҳои расмии кишварҳои дахлдор.*

[5] World Bank Group “Global Economic Prospects”, January 2026.

Вазорати рушди иқтисоди Федератсияи Россия дар гузориши худ оид ба “Вазъи ҷорӣ дар иқтисодиёт” овардааст, ки дар ёздаҳ моҳи соли 2025 рушди иқтисоди Россия 1,0 фоизро ташкил дод.

Мувофиқи маълумоти Хадамоти федералии омори давлатии Федератсияи Россия сатҳи таварруми солона аз 9,5 фоиз дар соли 2024 то ба 5,6 фоиз дар соли 2025 паст шуд, ки аз нишондиҳандаи мақсаднок (4,0 фоиз) бештар мебошад. Коҳишёбии иқтисодиёти Россия дар соли ҳисоботӣ асосан бо татбиқи сиёсати қатъии пулию қарзӣ ва ҳадафгирии таваррум вобастагӣ дорад.

Тибқи маълумоти Вазорати иқтисоди миллии Ҷумҳурии Қазоқистон, бинобар татбиқи чорабиниҳо ҷиҳати гуногунсозии иқтисодиёт, дар соли 2025 рушди иқтисодиёт 6,5 фоизро ташкил дод. Қобили қайд аст, ки дар соли ҳисоботӣ иқтисодиёти Қазоқистон рушди бемайлон нишон дода, бори аввал ҳаҷми ММД аз 300,0 млрд долл ИМА зиёд шуд. Новобаста аз ин, сатҳи таваррум дар ин кишвар баланд (12,3 фоиз) боқӣ мемонад. Таварруми баамаломада дар ин кишвар асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ (13,5 фоиз), тарофаҳои хизматрасонӣ (12,0 фоиз) ва маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ (11,1 фоиз) ба миён омадааст.

Мувофиқи маълумоти Кумитаи миллии омори Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соли 2025 рушди иқтисоди ин кишвар ба 7,7 фоиз ва сатҳи таваррум ба 7,3 фоиз баробар гардид.

Бояд қайд намуд, ки дар соли 2025 сатҳи таваррум дар аксарияти кишварҳои минтақа ва шарикони асосии савдои ҶТ баланд ҷамъбаст гардид. Мувофиқи маълумоти дастрасгардида дар соли 2025 таварруми пасттарин дар Ҷумҳурии Мардумии Чин дар сатҳи 0,8 фоиз ва таварруми баландтарин дар Туркия дар сатҳи 30,9 фоиз ба қайд гирифта шуд. Тибқи ақидаи коршиносон сабаби баланд будани сатҳи таваррум дар Туркия пеш аз ҳама заиф шудани пули миллӣ, болоравии нархи маводи ғизоӣ ва интизориҳои таваррум мебошад.

Бо назардошти вазъи иқтисоди ҷаҳон ва таъсири омилҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ, дар соли 2025 қурби расмии пули миллии аксари кишварҳои шарикони асосии савдои ҶТ нисбат ба доллари ИМА тағйир ёфтанд. Аз ҷумла, қурбҳои рубли Россия (23,1 фоиз), рубли Беларус  (16,4 фоиз), суми Ӯзбекистон (6,9 фоиз), тангаи Қазоқистон (4,0 фоиз) ва юани Чин (2,2 фоиз) устувор гардида, қурбҳои лираи Туркия (21,5 фоиз) ва соми Қирғизистон (0,5 фоиз) нисбат ба доллари ИМА коҳиш ёфтанд.

***Диаграммаи 2.4. Тағйирёбии қурби пули миллии шарикони савдо нисбат ба доллари ИМА дар соли 2025***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

## 2.2. Вазъи макроиқтисодиёти кишвар

**Новобаста аз идома ёфтани шиддатнокии вазъи геосиёсии ҷаҳон, мунокишаҳои минтақавӣ ва низоъҳои ҳарбию тиҷоратӣ, ҷорӣ гардидани таҳримҳои нави иқтисодӣ байни кишварҳои абарқудрат, дар натиҷаи чораандешии саривақтӣ муътадилии вазъи макроиқтисодӣ ва низоми бонкии кишвар таъмин карда шуд.**

**Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ**. Дар соли 2025 ҳаҷми номиналии ММД ба 176,9 млрд сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли қаблӣ 15,3 фоиз зиёд мебошад.

***Диаграммаи 2.5. Афзоиши номиналӣ ва рушди воқеии ММД дар ҶТ***




***Диаграммаи 2.6. Рушди соҳаҳои ММД***




*Манбаъ: маълумоти Агентии омор ва ҳисобҳои БМТ.*

Суръати рушди воқеии ММД бошад, 8,4 фоизро ташкил дод, ки аз ҳисоби рушди соҳаҳои сохтмон (23,0 фоиз), саноат (22,1 фоиз), гардиши савдои чакана (14,4 фоиз), хизматрасонии пулӣ (13,2 фоиз) ва кишоварзӣ (9,5 фоиз) таъмин карда шуд.

***Диаграммаи 2.7. ММД ба сари аҳолӣ ва тамоюли он дар ҶТ***




*Манбаъ: маълумоти Агентии омор ва ҳисобҳои БМТ.*

ММД ба сари аҳолӣ бошад, дар соли 2025 бо ифодаи сомонӣ 16 600,7 сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ 1 657,1 долл ИМА-ро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2024 мутаносибан ба андозаи 12,9 фоиз ва 21,7 фоиз зиёд мебошанд.

**Таваррум.** Дар соли 2025, новобаста аз ноустувории нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, дар кишвар таваррум дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуд. Он нисбат ба соли гузашта ба андозаи 0,1 б.ф. коҳиш ёфта, ба 3,5 фоиз баробар гардид, ки дар ҳудуди поёнии ҳадафи муқарраршуда (5 фоиз ± 2 б.ф.) қарор дорад. Дар соли ҳисоботӣ таваррум аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯроквори (4,5 фоиз), молҳои ғайрихӯроквори (1,5 фоиз) ва хизматрасониҳои пулӣ (5,7 фоиз) ба амал омад.

***Диаграммаи 2.8. Сатҳи таваррум дар ҶТ***




*Манбаъ: маълумоти Агентии омор ва ҳисобҳои БМТ.*

**Буҷети давлатӣ.** Буҷети давлатӣ захираи асосии маблағҳои пулӣ мебошад, ки дар шакли нақшаи давлатӣ оид ба ҷамъоварӣ, аз нав тақсим кардан ва истифодаи маблағҳои пулӣ тартиб ёфта, дар шакли қонун қабул ва амалӣ карда мешавад. Даромади буҷети давлатӣ асосан аз ҳисоби воридоти андозию ғайриандозӣ ташаккул ёфта, дар баробари ин грантҳо, барномаҳои сармоягузории давлатӣ, қарзҳои аз хориҷ воридшаванда ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ низ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар соли 2025 нақшаи қисми умумии даромади буҷети давлатӣ дар сатҳи 113,2 фоиз иҷро гардида, воридоти маблағҳо 60 349,1 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба нақшаи аниқшуда 7 034,8 млн сомонӣ зиёд мебошад. Дар соли ҳисоботӣ ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ нисбат ба ММД 34,1 фоизро ташкил намуд.

Нақшаи воридоти андозҳо дар соли ҳисоботӣ дар сатҳи 115,6 фоиз иҷро гардида, ба буҷети давлатӣ 37,5 млрд сомонӣ маблағ ворид гардид, ки ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ то ҳол назаррас (62,1 фоиз) мебошад.

***Диаграммаи 2.9. Иҷроиши нақшаи воридоти андозӣ***




***Диаграммаи 2.10. Сохтори воридоти андозӣ дар соли 2025***




*Манбаъ: маълумоти Вазорати молия ва ҳисобҳои БМТ.*

Дар сохтори воридоти андозӣ дар соли 2025 ҳиссаи бештарро андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ва андоз аз даромад ташкил дода, ҳиссаи боқимонда ба намудҳои дигари андоз рост меояд.

Қайд бояд кард, ки беҳтар шудани раванди ҷамъоварии андозҳо, такмили идоракунӣ, пешбурди хизматрасониҳои электронӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ, рушди иқтисод ва таҳкими чораҳои назоратӣ ба зиёдшавии воридоти андозӣ дар соли 2025 боис гардиданд.

**Қарзи давлатӣ.** Қарзи давлатии ҶТ дар соли 2025 3,5 млрд долл ИМА ё 19,2 фоизи ММД-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ ба андозаи 16,0 б.ф. кам мебошад. Дар

сохтори қарзи давлатӣ қарзгирии беруна бартарият дошта, дар соли ҳисоботӣ 3,0 млрд долл ИМА ё 87,0 фоизи ҳаҷми умумии қарзи давлатиро ташкил дод. Дар соли ҳисоботӣ нишондиҳандаи қарзи берунаи давлатӣ нисбат ба ММД ба 17,0 фоиз баробар гардид, ки нисбати соли 2024 ба андозаи 5,5 б.ф. кам мебошад.

Қарзи дохилии давлатӣ бошад, дар соли ҳисоботӣ маблағи умумии 500,0 млн долл ИМА ё 13,0 фоизи қарзи умумии давлатиро ташкил дод.

***Диаграммаи 2.11. Тағйирёбии қарзи давлатӣ нисбат ба ММД***




*Манбаъ: маълумоти Вазорати молия ва ҳисобҳои БМТ.*

**Гардиши савдои хориҷӣ.** Ҷиҳати рушди содирот, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда, фароҳам овардани шароити мусоид баҳри амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 бо қарори дахлдори Ҳукумати кишвар қабул гардида, мавриди амал қарор дорад.

Дар соли 2025 ҳаҷми гардиши савдои хориҷии кишвар ба 10,8 млрд долл ИМА баробар гардид, ки нисбат ба соли қаблӣ 20,5 фоиз зиёд мебошад.

Содироти молу маҳсулот дар муқоиса ба соли 2024 ба андозаи 27,7 фоиз афзуда, ба 2,5 млрд долл ИМА баробар гардид. Ҳол он ки нишондиҳандаи мазкур дар соли 2024 ба андозаи 20,5 фоиз коҳишёбӣ дошт. Воридот бошад, дар соли ҳисоботӣ 8,3 млрд долл ИМА–ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2024 ба андозаи 18,5 фоиз зиёд мебошад.

***Диаграммаи 2.12. Ҳаҷми содирот ва воридот***




*Манбаъ: маълумоти Агентии омор ва ҳисобҳои БМТ.*

Вобаста ба ин, ҳиссаи содирот дар сохтори гардиши савдои хориҷӣ аз 21,7 фоиз дар соли 2024 то ба 23,1 фоиз дар соли ҳисоботӣ зиёд шуд.

Тавозуни манфии гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2025 ба андозаи 15,0 фоиз афзуда, ба 5 817,4 млн долл ИМА баробар гардид, ки 32,9 фоизи ММД – ро ташкил медиҳад.

Афзудани ҳиссаи содирот нисбат ба солҳои гузашта аз зиёд гардидани иқтидори содиротии кишвар дарак медиҳад. Дар солҳои қаблӣ алюминийи аввалия, нахи пахта ва сабзавоту меваҷот молҳои асосии содиротӣ буданд. Андешидани тадбирҳо дар самти тақвияти истеҳсоли молҳои содиротӣ имкон дод, ки дар сохтори содирот ҳиссаи филизоти арзон ва маснуоти онҳо (33,0 фоиз), маҳсулоти маъданӣ (26,7 фоиз) ва нерӯи барқ (5,7 фоиз) афзояд.

Дар сохтори воридотии молу маҳсулот ҳиссаи бештарро маҳсулоти маъданӣ (16,7 фоиз), мошинолот ва таҷҳизот (14,6 фоиз), воситаҳои нақлиёт (13,4 фоиз), филизоти арзон ва маснуоти онҳо (11,6 фоиз), маҳсулоти тайёри озуқа (8,1 фоиз) ва маҳсулоти саноати кимиё (6,7 фоиз) ташкил медиҳанд.

Аз таҳлили сохтори ҷуғрофии содироти ҷумҳурӣ бармеояд, ки дар соли 2025 ҳиссаи бештари молҳо ба кишварҳои Чин (21,1 фоиз), Швейтсария (13,3 фоиз), Ӯзбекистон (11,1 фоиз), Россия (9,7 фоиз) ва Туркия (8,6 фоиз) содир гардидаанд. Дар соли ҳисоботӣ ҳаҷми содироти маҳсулот ба аксари кишварҳо, аз қабили Россия (2,5 маротиба), Ӯзбекистон (56,3 фоиз), Чин (27,6 фоиз) ва Афғонистон (6,6 фоиз) зиёд гардида, ба Қазоқистон (2,3 маротиба), ИМА (13,4 фоиз), Швейтсария (12,4 фоиз), Италия (11,1 фоиз), Туркия (10,0 фоиз) ва дигарҳо коҳиш ёфт.

***Диаграммаи 2.13. Сохтори ҷуғрофии содирот ва воридот (соли 2025)***




*Манбаъ: маълумоти Агентии омор ва ҳисобҳои БМТ.*

Дар сохтори ҷуғрофии воридот ҳиссаи бештар ба Чин (28,0 фоиз), Россия (26,9 фоиз), Қазоқистон (13,3 фоиз), Ӯзбекистон (5,3 фоиз), Эрон (4,5 фоиз) ва дигар кишварҳо рост меояд. Дар соли ҳисоботӣ воридоти маҳсулот аз аксари кишварҳо, махсусан Чин (50,5 фоиз), Эрон (41,0 фоиз), ИМА (25,2 фоиз), Беларус (28,9 фоиз), Россия (18,4 фоиз) ва Ӯзбекистон (7,9 фоиз) зиёд гардид.

**Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ**. Тибқи маълумоти омори расмӣ дар соли 2025 ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷии аз ҷониби низоми бонкӣ ҷалбшуда ба 6,0 млрд долл ИМА баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ ба андозаи 43,4 фоиз зиёд мебошад. Вобаста ба ин, нишондиҳандаи сармоягузориҳои хориҷӣ нисбат ба ММД аз 29,5 фоиз дар соли 2024 то ба 34,1 фоиз дар соли ҳисоботӣ афзуд.

Дар соли 2025 сармоягузориҳои хориҷӣ аз сармоягузориҳои мустақим, ҷомадонӣ ва дигар иборат буда, ҳиссаи назарраси онҳо (99,2 фоиз) ба сармоягузориҳои дигар рост меояд. Ба онҳо қарзу вомҳои ҷалбшуда, амонату пасандозҳои ҷалбшуда ва қарзҳои пешпардохти савдо дохил мешаванд.

Дар соли 2025 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба маблағи 48,6 млн долл ИМА сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҷалб гардиданд, ки нисбат ба соли гузашта ба андозаи 51,6 фоиз зиёд мебошанд.

Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ асосан аз Британияи Кабир (51,9 фоиз), Люксембург (12,6 фоиз), Ҷопон (12,0 фоиз), ИМА (7,1 фоиз), Нидерланд (4,1 фоиз), Қазоқистон (3,2 фоиз), Қирғизистон (2,9 фоиз), Олмон (2,9 фоиз), Швейтсария (2,6 фоиз) ва Эрон (0,7 фоиз) ҷалб карда шудаанд.

***Диаграммаи 2.14. Сохтори сармоягузориҳои хориҷӣ аз ҷониби ТҚМ***




***Диаграммаи 2.15. Сармоягузориҳои мустақим аз рӯйи кишварҳо (соли 2025)***




*Манбаъ: маълумот аз рӯйи ҳисобҳои БМТ.*

Дар баробари ин, дар давоми соли 2025 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба маблағи 5,9 млрд долл ИМА қарзу вомҳои хориҷӣ, амонатҳои хориҷӣ ва қарзҳои пешпардохти савдо ҷалб карда шудаанд.

## 2.3. Вазъи бозори молиявӣ

**Бозори коғазҳои қиматнок.** Бозори коғазҳои қиматноки ҶТ дар марҳилаи ташаккул ва гузариш аз модели ибтидоӣ ба модели институтсионалӣ қарор дорад. Дар солҳои охир заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилии бозор тадриҷан такмил ёфта, платформаи савдо, механизмҳои музоядаи коғазҳои қиматноки давлатӣ ва иштироки институтсионалии баъзе бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ ба роҳ монда шудаанд. Бо вуҷуди ин, ҳаҷми бозор, гуногуншаклии воситаҳои молиявӣ ва сатҳи пардохтпазирӣ ҳанӯз ҳам маҳдуд боқӣ мондаанд.

Барориши коғазҳои қиматнок ҳамчун яке аз фишангҳои асосӣ ва ғайримустақими сиёсати пулию қарзӣ ба БМТ имкон медиҳад, ки тариқи музоядаҳои коғазҳои қиматнок пардохтпазирии барзиёди низоми бонкиро ҷалб ва вазъи бозорро ба танзим дарорад.

Бо мақсади идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани фишорҳои қурбию таваррумӣ, саҳмгузорӣ ба рушди бозори коғазҳои қиматнок дар соли 2025 дар маҷмуъ 110 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматнок ба маблағи 63,6 млрд сомонӣ баргузор гардид, ки нисбат ба соли қаблӣ ба маблағи 51,5 млрд сомонӣ зиёд мебошад.

Музоядаҳои коғазҳои қиматноки БМТ мунтазам тибқи нақша тавассути низоми электронии савдо дар реҷаи вақти воқеӣ баргузор мегарданд ва ташкилотҳои қарзӣ дархостҳои худро барои хариди коғазҳои қиматнок пешниҳод менамоянд. Меъёри ниҳоии (ҳадди аксари) фоизӣ барои дархостҳои ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати хариди коғазҳои қиматнок (ба истиснои коғазҳои қиматноки 182-рӯза) дар сатҳи меъёри бозтамвил муқаррар карда мешавад. Мӯҳлатнокии коғазҳои қиматнок асосан 7, 91 ва 182 рӯзро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, Вазорати молия фурӯши коғазҳои қиматноки давлатиро барои маблағгузории хароҷоти давлатӣ дар музоядаи аввалияи Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ба роҳ мемонад. Дар соли 2025 дар маҷмуъ 12 музоядаҳои фурӯши коғазҳои қиматноки давлатӣ ба маблаға 755,0 млн сомонӣ баргузор гардид, ки меъёри миёнаи купонҳо аз 5,0 фоиз то 10,0 фоизро ташкил дод.

Илова бар ин, санаи 17 октябри соли 2025 вомбаргҳои сабзи давлатии миёнамуҳлат дар ҳаҷми 200,0 млн сомонӣ ба фурӯш бароварда шуданд.

Сарфи назар аз ин, бозори дуюмдарача дар кишвар фаъол нест, ки ин боиси набудани нархгузории бозорӣ ва маҳдуд шудани ҷолибияти бозор барои сармоягузорон мегардад. Маҳз сустии бозори дуюмдарача яке аз омилҳои асосии боздорандаи рушди бозори саҳмияҳо ва ҷалби сармояи хусусӣ ба ҳисоб меравад.

Бо вуҷуди ин, ислоҳоти пайдарпайи қонунгузорӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҷорӣ намудани воситаҳои нави молиявӣ, инчунин таваҷҷуҳи рӯзафзуни давлат ба гуногунсозии манбаъҳои маблағгузорӣ метавонанд барои фаъол гардидани бозор заминаи устувор фароҳам оваранд.

**Бозори байнибонкӣ.** БМТ тавассути сиёсати пулию қарзӣ ба танзими бозори байнибонкӣ таъсири мустақим дорад. Яке аз асоситарин фишангҳои танзимӣ меъёри бозтамвил буда, бо назардошти муътадил гардидани сатҳи нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот, дар сатҳи поёнии ҳадафи муқаррargardida (5 фоиз ± 2 б.ф.) қарор доштани сатҳи таваррум ва нисбатан муътадил будани интизориҳои таваррумӣ дар соли 2025 тадриҷан ба андозаи 1,5 б.ф. паст карда шуда, дар сатҳи 7,5 фоизи солона муқаррар гардид.

Вобаста ба ин, меъёри фоизи қарзҳои байнибонкӣ дар ҷамъбасти соли ҳисоботӣ 14,3 фоизро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2024 ба андозаи 0,7 б.ф. пасттар мебошад.

**Бозори асъор.** Мутобиқи "Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии ҶТ барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат" сиёсати қурбӣ ба реҷаи "шинокунандаи танзимшаванда" бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб асос ёфта, қурби расмии сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дар асоси талабот ва пешниҳод дар бозори дохилии асъор муқаррар карда мешавад. БМТ тибқи реҷаи мазкур танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ метавонад ба бозори дохилии асъор дахолат намояд.

Дар соли 2025 қурби расмии доллари ИМА нисбат ба сомонӣ ба андозаи 15,4 фоиз (аз 10,9325 сомонӣ дар санаи 31.12.2024 то ба 9,2513 сомонӣ дар санаи 31.12.2025) коҳиш ёфт. Бояд қайд намуд, ки нишондиҳандаи мазкур дар ҷамъбасти соли 2024 ба андозаи 0,2 фоиз коҳиш ёфта буд.

***Диаграммаи 2.16. Тағйирёбии қурби расмии доллари ИМА нисбат ба сомонӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Қурби расмии миёнадавраи доллари ИМА нисбат ба сомонӣ дар соли 2025 ба 10,0119 сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли 2024 ба андозаи 7,3 фоиз кам мебошад (нишондиҳандаи мазкур дар соли 2024 ба 10,7991 сомонӣ баробар буд).

Бо мақсади қонеъ намудани талаботи субъектҳои хоҷагидорӣ, махсусан воридкунандагони молҳои ниёзи аввал ба асъори хориҷӣ дар соли 2025 низоми бонкӣ зиёда аз 9 447,0 млн долл ИМА, 207 442,0 млн рубли русӣ, 338,1 млн евро ва 5 851,2 млн юани чинӣ фурӯхтааст, ки дар муқоиса ба соли 2024 мутаносибан ба андозаи 44,7 фоиз, 20,0 фоиз, 5,9 фоиз ва 140,9 фоиз зиёд мебошад. Қобили қайд аст, ки дар соли ҳисоботӣ талаботи субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла воридкунандагони молҳои ниёзи аввал пурра таъмин карда шудааст.

## 2.4. Вазъи бозори амволи ғайриманқул

Бо мақсади баҳогузории конъектураи бозори амволи ғайриманқул мониторинги ҳаррӯзаи нархи хонаҳои истиқоматӣ (аз моҳи апрели соли 2025) мунтазам аз манбаҳои дастрас ба роҳ монда шудааст.

Тибқи маълумоти мавҷуда, дар давраи баррасишуда динамикаи нархи миёнаи як метри мураббаи амволи ғайриманқули истиқоматӣ дар ҶТ бо тағйирёбии муътадил дар ин давра тавсиф мегардад. Дар моҳҳои апрел – сентябри соли 2025 нархи миёнаи як метри мураббаъ дар раванди муътадил қарор дошта, ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ ба қайд гирифта нашудаанд.

***Диаграммаи 2.17. Тағйирёбии нархи амволи ғайриманқули истиқоматӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Боловарии нархи амволи истиқоматӣ дар моҳи декабр нисбат ба моҳи гузашта то андозае афзуд, ки ин аз фаъолнокии бозор гувоҳӣ медиҳад. Дар интиҳои соли 2025 нархи миёнаи як метри мураббаъ амволи истиқоматӣ дар муқоиса ба моҳи апрели ҳамин сол ба андозаи 8,5 фоиз баланд шуд.

Тибқи маълумоти мавҷуда дар бозори ибтидоии ғайриманқули истиқоматӣ дар қисми зиёди сол коҳишёбии нархҳо ба назар мерасад. Дар давраи аз моҳи май то моҳи ноябр нархҳо тамоюли манфӣ дошта, пастравии бештар дар моҳи октябр (-8,1 фоиз) мушоҳида гардид.

Дар моҳи декабри соли 2025 боловарии нархҳо ба қайд гирифта шуда, афзоиши нархҳо дар муқоиса ба моҳи қаблӣ дар бозори ибтидоӣ 2,2 фоизро ташкил дод. Дар бозори дуюмдараҷаи амволи ғайриманқули истиқоматӣ ин нишондиҳанда ба 7,2 фоиз баробар гардид.

***Диаграммаи 2.18. Тағйирёбии моҳонаи нархи амволи ғайриманқули истиқоматӣ аз рӯйи марҳилаҳои муомилот***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Вазъи бозори ғайриманқули истиқоматӣ дар шаҳри Душанбе нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар бо сатҳи баланди нархҳо фарқ мекунад. Дар давраи аз семоҳаи дуюм то семоҳаи чоруми соли 2025 нархи миёнаи як метри мураббаи манзили истиқоматӣ тақрибан 4,6 фоиз болоравӣ дошт. Дар баробари шаҳри Душанбе дар вилояти Суғд низ нархи миёнаи як метри мураббаи манзили истиқоматӣ нисбат ба дигар минтақаҳо баландтар буда, дар давраи баррасишаванда он ба андозаи 1,0 фоиз коҳиш ёфт. Дар ШНТҶ болоравии нархи миёнаи як метри мураббаи манзили истиқоматӣ дар ин давра 6,7 фоизро ташкил дод. Дар ВМКБ нархи миёнаи як метри мураббаи манзили истиқоматӣ нисбат ба дигар минтақаҳо арзонтар буда, дар давраи баррасишаванда ба андозаи 5,7 фоиз паст шуд.

***Диаграммаи 2.19. Нархи миёнаи амволи ғайриманқули истиқоматӣ аз рӯйи минтақаҳо (барои 1 м²)***




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ.*

***Диаграммаи 2.20. Бозори амволи ғайриманқули истиқоматӣ аз рӯйи минтақа (аз 01.04.2025 то 31.12.2025)***




Тибқи маълумоти баррасишуда ҳиссаи назарраси амволи ғайриистиқоматии ба фурӯш гузошташуда ба шаҳри Душанбе рост омада, аз руйи сатҳи баланди пешниҳоду талабот ва нархҳо мавқеи асосиро ишғол менамояд. Вилояти Суғд низ яке аз минтақаҳои фаъол дар бозори ғайриманқули манзил ба ҳисоб рафта, саҳми назаррас дорад. Ҳиссаи дигар минтақаҳо бозори амволи ғайриманқули кишвар камтар буда, аз фарқияти сатҳи фаъолнокии хариду фурӯши амволи ғайриманқули истиқоматӣ шаҳодат медиҳад.

Дар маҷмуъ, дар соли 2025 сохтори минтақавии бозори ғайриманқули истиқоматии ҶТ бо тамаркузи нархҳои баланд дар шаҳри Душанбе ва сатҳи муътадилтари нархҳо дар дигар минтақаҳои кишвар тавсиф мегардад.

## 2.5. Вазъи бозори меҳнат

Бозори меҳнат яке аз бахшҳои калидии иқтисоди миллӣ буда, ҳолат ва самаранокии он сатҳи шуғли аҳолӣ, даромад, суботи иҷтимоӣ ва суръати рушди иқтисодиро муайян мекунад. Дар ҶТ бозори меҳнат дар шароити афзоиши босуръати аҳолӣ ташаккул меёбад.

Тоҷикистон дорои аҳолии ҷавон буда, қисми зиёди аҳолӣ қобили меҳнат мебошанд. Ҳар сол ба бозори меҳнат даҳҳо ҳазор ҷавонон ворид шуда, талабот ба ҷойҳои корӣ зиёд мешавад. Аз ин рӯ, талабот ба ҷойи корӣ аз суръати таъсиси ҷойҳои нави корӣ бештар аст.

Тибқи маълумоти пешакии Агентии омор дар моҳи ноябри соли 2025 шумораи қувваҳои корӣ дар кишвар 2,8 млн нафарро ташкил дод, ки аз ин шумора 97,9 фоиз дар соҳаҳои иқтисодиёт машғул буда, 2,1 фоиз ё 58,6 ҳазор нафар расман ҳамчун бекор ба қайд гирифта шудаанд.

Дар ин давра 47,0 фоизи шумораи умумии аҳолии машғули корро кормандони кироякор ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 ба андозаи 1,3 фоиз зиёд буда, қисми зиёди онҳо (54,6 фоиз) дар бахши воқеии иқтисодиёт фаъолият намуданд.

***Диаграммаи 2.21. Кормандони кироякор аз рӯйи минтақа (ба ҳолати 30.11.2025)***




*Манбаъ: маълумоти Агентии омор.*

Тибқи нишондоди оморӣ вазни қиёсии шуғли кормандони кироя аз рӯйи минтақаҳои ҷумҳурӣ дар интиҳои моҳи ноябри соли 2025 бештар ба вилояти Хатлон (39,1 фоиз), вилояти Суғд (34,6 фоиз) ва шаҳри Душанбе (16,0 фоиз) рост омада, ҳиссаи ШНТҶ (8,5 фоиз) ва ВМКБ (1,8 фоиз) нисбатан камтар мебошад.

Дар ташкилоту муассисаҳои кишвар ғайр аз кормандони расмӣ қувваи корӣ дар шароити дуҷоякорӣ ва дар асоси қарордоду шартномаҳои меҳнатӣ низ истифода шуд. Дар ин давра 50,8 ҳазор нафар дар чунин шароит кор намуданд, ки аз онҳо 8,4 ҳазор нафар дар бахши воқеии иқтисодиёт ва 42,4 ҳазор нафар дар бахши хизматрасонӣ фаъолият намуданд.

Дар интиҳои моҳи ноябри соли 2025 дар Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ 97,1 ҳазор нафар ҳамчун корталаб ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 ба андозаи 19,9 фоиз зиёд мебошанд. Вобаста ба ин, ба ҳолати 30 ноябри соли 2025 шумораи бекорони расмӣ бақайдгирифташуда дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2024 ба андозаи 12,2 фоиз афзуда, сатҳи бекории расмӣ нисбат ба шумораи умумии қувваҳои корӣ ба 2,1 фоиз баробар гардид.

Дар баробари ин, дар бозори меҳнати кишвар шуғли ғайрирасмӣ мавҷуд аст, ки мушкилоти бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Шуғли ғайрирасмӣ аз як тараф ба аҳолӣ барои ба даст овардани даромади муайян имкон дода, аз тарафи дигар онҳоро аз ҳифзи иҷтимоӣ, кафолати ҳуқуқии меҳнат ва устувории даромад маҳрум месозад. Илова бар ин, он пойгоҳи андозиро маҳдуд намуда, имкониятҳои давлатро барои татбиқи сиёсати иҷтимоии муассир коҳиш медиҳад.

Дар интиҳои моҳи ноябри соли 2025 музди миёнамоҳонаи номиналии меҳнати ба кормандони кироя пардохтшуда дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба андозаи 19,3 фоиз афзуда, ба 3 136,2 сомонӣ баробар гардид. Музди ҳадди ақали меҳнат бошад, дар ин давра 1 000 сомониро  ташкил дод. Дар моҳҳои январ – ноябри соли 2025 музди миёнамоҳонаи ҳисобшудаи камтарин (1 054,2 сомонӣ) ба кормандони соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ ва музди миёнамоҳонаи ҳисобшудаи баландтарин (6 998,7 сомонӣ) ба кормандони соҳаи молия ва суғурта рост омад.

***Диаграммаи 2.22. Музди миёнамоҳонаи ҳисобшудаи кормандони кироякор дар минтақаҳои ҷумҳурӣ (моҳҳои январ – ноябр)***




*Манбаъ: маълумоти Агентии омор.*

Аз рӯи минтақаҳо бошад, дар ин давра музди миёнамоҳонаи ҳисобшудаи баландтарин ба шаҳри Душанбе рост омад, ки 3 588,4 сомониро ташкил медиҳад.

Бозори меҳнат омили асосии рушди иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ буда, масоили вобаста ба шуғл, музди меҳнат ва истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ дар маркази сиёсати иҷтимоию иқтисодии ҳукумати кишвар қарор дорад. Дар ин замина, ҷиҳати таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳаҳои саноат, сохтмон, хизматрасонӣ ва соҳибкорӣ, коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, инчунин рушди таҳсилоти касбӣ ва техникӣ, ҷалби аҳолии қобили меҳнат, бахусус ҷавонон ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисос пайваста чораандешӣ карда мешавад.

# 3. ВАЗЪИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ

## 3.1. Шарҳи низоми молиявӣ

**Дар сохтори низоми молиявии ҶТ бонкҳо ва ТАҚХ ҳиссаи назаррас дошта, дар ҷамъбасти соли 2025 дороиҳои маҷмуии онҳо 90,1 фоизи дороиҳои умумии низоми молиявиро ташкил намуданд. Ҳиссаи боқимондаи дороиҳои умумии низоми молиявӣ бошад, ба ташкилотҳои суғуртавӣ, ташкилотҳои лизингӣ, биржаҳои фондӣ ва АСИН рост меояд.**

Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 дар ҳудуди ҶТ 69 ташкилоти қарзии молиявӣ, 16 ташкилоти суғуртавӣ, 6 ташкилоти лизингӣ, 2 биржаи фондӣ (Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва Биржаи фондии Осиё) ва АСИН фаъолият намуданд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар интиҳои соли 2025 дар маҷмуъ 65 789,7 млн сомониро ташкил намуданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2024 ба андозаи 25,4 фоиз зиёд буда, нисбат ба ММД ба 37,2 фоиз баробар гардид.

Ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар аз ду гурӯҳ: ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ иборат мебошанд. Дар соли 2025 дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар муқоиса ба соли 2024 ба андозаи 24,8 фоиз афзуда, маблағи 59 242,1 млн сомониро ташкил доданд. Вобаста ба ин, нишондиҳандаи дороиҳои низоми бонкӣ нисбат ба ММД ба 33,5 фоиз баробар гардид.

***Диаграммаи 3.1. Нақши низоми бонкӣ дар иқтисодиёти миллӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Дар соли ҳисоботӣ дар ҳудуди ҶТ 360 филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ (аз ҷумла, 3 равзанаи бонкии исломӣ), 3 воҳиди сайёр, 13 нуқтаи хизматрасонии хазинавӣ ва 1 584 маркази хизматрасонии бонкӣ ва маблағгузории хурд хизматрасонии худро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд.

Ухдадориҳои низоми бонкӣ дар соли 2025, бинобар зиёдшавии (32,8 фоиз) пасандозҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, дар муқоиса ба соли қаблӣ ба андозаи 24,4 фоиз афзуда, ба 47 925,6 млн сомонӣ баробар гардид.

Сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ бошад, дар интиҳои соли 2025 ба 11 316,5 млн сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба интиҳои соли 2024 (8 963,7 млн сомонӣ) ба андозаи 26,2 фоиз зиёд буда, аз ҳисоби афзоиши захираҳо, фоидаи соли ҷорӣ ва сармояи оинномавии пардохташуда ба вуҷуд омад.

Дар соли ҳисоботӣ 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ бо 66 филиали худ хизматрасонии суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд. Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ нисбат ба

интиҳои соли 2024 ба андозаи 26,6 фоиз зиёд шуда, ба 1 141,2 млн сомонӣ баробар гардиданд.

Дороиҳои ташкилотҳои лизингӣ 779,4 млн сомониро ташкил намуданд, ки дар муқоиса ба интиҳои соли 2024 ба андозаи 58,3 фоиз зиёд мебошанд.

Дороиҳои АСИН бошанд, ба ҳолати 30 сентябри соли 2025 маблағи 4 627,1 млн сомониро ташкил намуданд.

## 3.2. Хавфҳо дар низоми бонкӣ

Бо мақсади таъмин намудани фаъолияти босуботи низоми бонкӣ ва рушди устувори он дар кишвар ҷиҳати беҳтар кардани сифати дороиҳо, пурзӯр намудани идоракунии хавфҳо ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ корҳои зарурӣ анҷом дода шуданд.

Натиҷаи таҳлили фаъолияти низоми бонкӣ дар соли 2025 нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ тибқи талаботи муқарраргардида иҷро шуда, як қатор хавфҳо нисбатан коҳиш ёфтанд.

Бо назардошти ночиз будани ҳиссаи ташкилотҳои қарзии хурд (0,1 фоиз) ва фондҳои қарзии хурд (1,3 фоиз) дар низоми бонкӣ ва камтаъсир будани натиҷаи фаъолияти онҳо ба суботи молиявии низоми бонкӣ, таҳлили хавфҳо танҳо аз рӯйи фаъолияти бонкҳо ва ТАҚХ (минбаъд – низоми бонкӣ) гузаронида шуд.

### 3.2.1. Хавфи таҷаммуъ

**Хавфи таҷаммуъ як унсури муҳим дар идоракунии хавфҳо ва устувории молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ буда, хусусияти сохторӣ дорад ва дар давраи кӯтоҳмуддат бетағйир мебошад.** Дар низоми бонкии кишвар хавфи зиёди таҷаммуъ ба чашм мерасад, ки аз нокифоятии сатҳи гуногуншаклии нишондиҳандаҳои муҳим дар ташкилотҳои қарзии алоҳида дарак медиҳад.

Барои муайян намудани сатҳи таҷаммуъ дар низоми бонкӣ нишондиҳандаҳои гуногун истифода мешаванд, ки яке аз онҳо намояи Ҳерфиндал Хиршман (НҲХ)[6] ба ҳисоб меравад.

***Диаграммаи 3.2. Намояи Ҳерфиндал Хиршман***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

[6] Тибқи роҳнамои ХБА оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ ҳисоб карда шудааст:
Агар НҲХ< 1000 бошад, дар бозор сатҳи пасти таҷаммуъ дида мешавад.
Агар 1000< НҲХ< 1800 бошад, бозор дар сатҳи эътидол таҷаммуъпазир мебошад.
Агар НҲХ> 1800 бошад, дар бозор сатҳи баланди таҷаммуъ ҷой дорад.

Дар ҷамъбасти соли 2025 НҲХ аз рӯйи дороиҳо, қарзҳо ва пасандозҳои низоми бонкӣ мувофиқан ба 1 003, 1 549 ва 1 522 баробар гардид, ки дар сатҳи эътидоли таҷаммуъпазир қарор доштани низоми бонкиро нишон медиҳад.

***Диаграммаи 3.3. Таҷаммуъ дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Аз рӯйи сандуқи қарзӣ хавфи таҷаммуъ дар соҳаи истеъмолот мушоҳида карда мешавад, ки ҳиссаи он дар сандуқи қарзии низоми бонкӣ аз 25,8 фоиз дар соли 2020 то ба 53,1 фоиз дар соли 2025 афзудааст. Қарзҳои истеъмолӣ аз як тараф ба таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ ва гардиши иқтисодӣ мусоидат намуда, аз тарафи дигар сатҳи баланди онҳо дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ метавонад хавфи эҳтимолиро зиёд намояд.

### 3.2.2. Хавфи асъорӣ

**Дар соли 2025 тамоюли коҳишёбии сатҳи долларикунонии иқтисодиёт ва коҳиш ёфтани хавфи асъорӣ ба назар мерасад.** Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади коҳиш додани хавфҳои эҳтимолии ба иқтисодиёт таъсиррасон, бартараф намудани лаппишҳои қурбӣ, ба эътидол овардани вазъи бозори дохилии асъор ва қонеъ гардонидани талабот ба асъори хориҷӣ бо истифода аз механизмҳои мавҷуда тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2025 қурби расмии доллари ИМА нисбат ба сомонӣ 15,4 фоиз (аз 10,9325 сомонӣ дар санаи 31 декабри соли 2024 то ба 9,2513 сомонӣ дар санаи 31 декабри соли 2025) паст шуд. Нишондиҳандаи мазкур дар ҳамин давраи соли қаблӣ ба андозаи 0,2 фоиз паст шуда буд.

Тағйирёбии қурбии дар ин давра баамаломада ба мавқеи кушодаи асъории ташкилотҳои қарзии молиявӣ таъсири худро расониданд. Вобаста ба ин, мавқеи кушодаи асъории низоми бонкӣ дар интиҳои соли 2025 кӯтоҳ буда, 17,7 млн сомониро ташкил намуд.

***Диаграммаи 3.4. Тағйирёбии қурби доллари ИМА нисбат ба сомонӣ***




***Диаграммаи 3.5. Мавқеи кушодаи асъорӣ дар низоми бонкӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Меъёри мавқеи кушодаи асъорӣ нисбат ба сармояи танзимшаванда (К6-1) дар низоми бонкӣ дар доираи меъёри муқарраршуда (±20 фоиз) ичро шуда, ба -0,2 фоиз баробар гардид.

***Диаграммаи 3.6. Қарзҳо ва пасандозҳои асъорӣ дар низоми бонкӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Ҳиссаи қарзҳо ва пасандозҳои асъорӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, осебпазирии ҳолати низоми бонкӣ нисбат ба тағйирёбиҳои қурбӣ кам шудааст. Дар ҷамъбасти соли ҳисоботӣ 21,6 фоизи қарзҳои низоми бонкиро қарзҳо бо асъори хориҷӣ ва 37,6 фоизи пасандозҳои низоми бонкиро пасандозҳои асъорӣ ташкил намуданд, ки дар муқоиса ба интиҳои соли 2024 мутаносибан ба андозаи 5,9 б.ф. ва 2,0 б.ф. кам мебошанд.

### 3.2.3. Хавфи қарзӣ

**Хавфи қарзӣ яке аз хавфҳои асосии низоми бонкии кишвар ба ҳисоб рафта, дар ҳолати аз ҷониби қарздорон баргардонида натавонистани маблағи қарз ё фоизҳои он ва ё ба таъхир гузоштани мӯҳлати пардохти онҳо метавонад ба миён ояд. Ин ҳаҷми ҚҒФ – ро дар ташкилоти қарзӣ зиёд намуда, мушкилоти пардохтпазириро ба вуҷуд меорад.**

Пешниҳоди қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб рафта, дар ҳолати аз талабот кам ва ё аз эътидол зиёд пешниҳод намудани қарз, хавфҳо дар низоми бонкӣ ва иқтисодиёт зиёд мегарданд ва метавонанд таъсири манфии худро ба низоми молиявӣ расонанд.

Бо мақсади баҳогузорӣ намудани пешниҳоди қарз ба иқтисодиёт, мутобиқи методологияи Кумитаи Базелӣ оид ба назорати бонкӣ фосилаи байни меъёри қарз нисбат ба ММД ва тамоюли дарозмӯҳлати он[7] (credit to GDP gap) истифода бурда мешавад.

***Диаграммаи 3.7. Фосила аз нишондиҳандаи қарз нисбат ба ММД***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

---

[7] Бо мақсади ҳисоб намудани тамоюли дарозмӯҳлати нишондиҳандаи қарз нисбат ба ММД, Кумитаи Базелӣ истифода намудани филтри Hodrick-Prescott (HP)-ро тавсия менамояд.

Тибқи баҳодиҳӣ фосилаи қарз нисбат ба ММД ва тамоюли дарозмуҳлати он дар ҳудуди мақбул қарор дошта, хавфи қарзии даврӣ ба назар намерасад.

Ҳаҷми пешниҳоди қарзҳо аз ҷониби низоми бонкӣ (бонкҳо ва ТАҚХ) дар моҳҳои январ – декабри соли 2025, новобаста аз вазъи мураккаби сиёсию иқтисодӣ дар ҷаҳони имрӯза ва хавфҳои молиявӣ раванди мусбӣ дошта, ба 29,4 млрд сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2024 ба андозаи 22,3 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар давоми соли 2025 додашуда 33,2 фоиз ба шаҳри Душанбе, 29,0 фоиз ба вилояти Суғд, 20,9 фоиз ба вилояти Хатлон, 15,8 фоиз ба ШНТҶ ва танҳо 1,2 фоиз ба ВМКБ рост меоянд. Қобили қайд аст, ки пешниҳоди қарз ба ҳамаи минтақаҳои кишвар дар соли ҳисоботӣ ба андозаи назаррас зиёд шуд.

***Диаграммаи 3.8. Сохтори қарзҳои додашуда аз рӯйи минтақа***




***Диаграммаи 3.9. Сохтори қарзҳои додашуда аз рӯйи соҳаҳо***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Таҳлили қарзҳои додашуда аз рӯйи соҳаҳо нишон медиҳад, ки дар соли ҳисоботӣ ҳиссаи назарраси (44,3 фоиз) қарзҳои додашуда ба соҳаи истеъмолот пешниҳод шуда, аз ҷой доштани хавфи таҷаммуъ дар сандуқи қарзӣ гувоҳӣ медиҳад. Ҳиссаи боқимондаи қарзҳои додашуда ба соҳаҳои савдо ва хӯроки ҷамъиятӣ (14,1 фоиз), кишоварзӣ (11,3 фоиз), саноат (8,3 фоиз), хизматрасонӣ (6,5 фоиз), ипотека (4,6 фоиз), сохтмон (4,4 фоиз), автоқарз (3,5 фоиз) ва дигар (3,0 фоиз) рост меояд.

Дар ҷамъбасти соли 2025 бақияи сандуқи қарзии низоми бонкӣ (бонкҳо ва ТАҚХ) дар муқоиса ба соли 2024 ба андозаи 23,6 фоиз зиёд шуда, маблағи 25,9 млрд сомониро ташкил намуд. Дар соли ҳисоботӣ дар сохтори сандуқи қарзии низоми бонкӣ аз рӯйи соҳаҳои иқтисодӣ тағйироти назаррас ба вуҷуд омад. Қарзҳо ба бахши давлатӣ дар муқоиса ба соли 2024 ба андозаи 18,2 фоиз коҳиш ёфта, ҳиссаи онҳо дар сандуқи қарзӣ то ба 5,6 фоиз кам шуд. Баръакси ин, ҳаҷми қарзҳои шахсони воқеӣ нисбат ба соли 2024 ба андозаи 34,9 фоиз афзуда, ҳиссаи онҳо дар сандуқи қарзӣ ба 53,1 фоиз баробар гардид.

***Диаграммаи 3.10. Сохтори сандуқи қарзии низоми бонкӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Афзоиши қарзҳои истеъмолӣ аз як тараф зиёд шудани дастрасии аҳолӣ ба қарзҳои бонкӣ, фаъол шудани бозори молҳои истеъмолӣ ва манзилро инъикос намуда, аз тарафи дигар эҳтимолияти зиёдшавии ҚҒФ – ро ба миён меорад. Бояд қайд намуд, ки ҚҒФ – и шахсони воқеӣ, аз ҷумла истеъмолӣ дар интиҳои соли ҳисоботӣ 3,0 фоизро ташкил дод.

Бо назардошти ин, зарурати тақвияти назорати хавфҳо, мукаммалсозии арзёбии қобилияти қарзадокунии қарзгирандагон ва татбиқи механизмҳои муосири мониторинг дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба миён меояд. Дар сурати наандешидани чораҳои зарурӣ ва идома ёфтани таҷаммуъ дар қарзҳои истеъмолӣ, суботи молиявии на танҳо як ташкилоти қарзии молиявӣ, балки низоми бонкӣ халалдор хоҳад шуд.

***Диаграммаи 3.11. Сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳангоми ҳисоб намудани ҳиссаи ҚҒФ дар сандуқи қарзӣ қарзҳои зиёда аз 90 рӯз батаъхирафтода ба инобат гирифта мешаванд, ки дар ҷамъбасти соли ҳисоботӣ 3,3 фоизро ташкил дод.

Дар соли ҳисоботӣ аз рӯйи ҚҒФ ба маблағи 1 834,8 млн сомонӣ ФПТИ ташкил карда шудааст, ки ба 106,3 фоизи қарзҳои мазкур баробар мебошад.

### 3.2.4. Хавфи пардохтпазирӣ

**Меъёри пардохтпазирӣ нишондиҳандаи асосии устувории молиявии низоми бонкӣ ба ҳисоб рафта, барои нигоҳ доштани эътимоди аҳолӣ нақши муҳим дорад. Дар ҷамъбасти соли 2025 сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ аз ҳудуди муқарраршуда ба андозаи 51,6 фоиз зиёд таъмин карда шуда, ба 81,6 фоиз баробар гардид.**

Аз сатҳи муқаррargardида зиёд иҷро шудани талаботи меъёри мазкур баҳри таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва васеъ намудани доираи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

***Диаграммаи 3.12. Меъёри пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Таҳлили фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар алоҳидагӣ нишон медиҳад, ки дар интиҳои соли 2025 меъёри пардохтпазирӣ дар бонкҳо ба 80,4 фоиз ва дар бонкҳои низомсоз ба 74,3 фоиз баробар гардида, дар ТАҚХ 121,0 фоизро ташкил намуд.

Пардохтпазирии асъорӣ бошад, дар муқоиса ба соли 2024 ба андозаи 8,3 б.ф. зиёд шуда, ба 91,7 фоиз баробар гардид.

Ҳиссаи дороиҳои пардохтпазир дар дороиҳои умумии низоми бонкӣ дар интиҳои соли 2025 ба 44,1 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 4,1 б.ф. зиёд мебошад. Нишондиҳандаи мазкур дар бонкҳо 44,4 фоиз ва дар ТАҚХ 39,5 фоизро ташкил дод, ки ҷиҳати нигоҳ доштани устувории молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва зиёд шудани эътимоди аҳолӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Нишондиҳандаи амонатҳо нисбат ба сандуқи қарзӣ тамоюли зиёдшавӣ дошта, аз 122,1 фоиз дар соли 2024 то ба 131,1 фоиз дар соли 2025 зиёд шуд, ки ин ба коҳиш ёфтани хавфи пардохтпазирӣ таъсири мусбат мерасонад.

**Фишорсанҷиши хавфи пардохтпазирӣ**

Бо мақсади арзёбии хавфи пардохтпазирӣ ва паҳншавии он дар низоми бонкӣ аз ҷониби БМТ модули фишорсанҷиши пардохтпазирӣ мавриди амал қарор дода шуд. Модули мазкур таъсири тағйироти эҳтимолии ворид ва хориҷ шудани маблағҳоро ба вазъи пардохтпазирии бонкҳо ва ТАҚХ дар ҳолатҳои ба фишор гирифтор шудан зимни лаппишнокии воридшавӣ ва хориҷшавии маблағҳои ташкилотҳои қарзӣ барои ҳар як қисми таркибии дороиҳо ва уҳдадориҳо арзёбӣ мекунад.

Ба интиҳои соли 2025 тибқи баҳогузорӣ аз рӯйи натиҷаи фишорсанҷиш бармеояд, ки аксари бонкҳо ва ТАҚХ аз руйи сенарияи паст ба чунин хавфҳо начандон осебпазиранд ва аз руйи ҳаҷм тавофути фосилавӣ аз руйи пардохтпазирӣ начандон калон аст.

Аз руйи се сенария – паст, муътадил ва шиддатнок паҳншавии хавфи пардохтпазирӣ аз рӯйи давраҳои якум ва дуюм дар охири сол ба чашм намерасад.

## 3.2.5. Хавфи даромаднокӣ

Дар интиҳои соли 2025 фаъолияти аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ (бонкҳо ва ТАҚХ) бо фоида ҷамъбаст гардид, ки ба зиёдшавии фоидаи софи низоми бонкӣ боис шуд. Дар робита ба ин, фоидаи софи низоми бонкӣ ба 2 288,4 млн сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ ба андозаи 87,8 фоиз зиёд мебошад.

***Диаграммаи 3.13. Фоидаи софи низоми бонкӣ***




***Диаграммаи 3.14. Даромаднокии низоми бонкӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Вобаста ба ин, нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯйи дороиҳо ва сармоя мувофиқан ба андозаи 1,8 б.ф. ва 9,8 б.ф. афзуда, мутаносибан ба 5,6 фоиз ва 30,5 фоиз баробар шуданд.

Дар давраи баррасишаванда даромади умумии низоми бонкӣ ба 16,5 млрд сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли 2024 ба андозаи 66,0 фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи даромади фоизӣ дар даромади умумӣ ба 33,4 фоиз ва ҳиссаи даромади ғайрифоизӣ бошад, ба 66,6 фоиз баробар гардид.

Зиёдшавии ҳиссаи даромади ғайрифоизӣ дар соли ҳисоботӣ нишонаи коҳиш ёфтани даромади фоизӣ набуда, кӯшиши ташкилотҳои қарзии молиявиро дар гуногун намудани манбаъҳои даромад нишон медиҳад. Чунки дар соли ҳисоботӣ даромадҳои фоизӣ ва ғайрифоизии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар муқоиса ба соли 2024 мувофиқан ба андозаи 26,2 фоиз ва 2,0 маротиба афзуда, ба зиёд шудани фоидаи софи низоми бонкӣ мусоидат намуданд.

***Диаграммаи 3.15. Сохтори даромад ва хароҷоти низоми бонкӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Ҳаҷми хароҷоти умумии низоми бонкӣ дар соли 2025 дар муқоиса ба соли қаблӣ ба андозаи 62,0 фоиз афзуда, 13,6 млрд сомониро ташкил намуд. Дар баробари ин, дар соли ҳисоботӣ ҳаҷми хароҷоти фоизӣ ва ғайрифоизӣ нисбат ба соли гузашта мувофиқан ба андозаи 18,8 фоиз ва 72,1 фоиз зиёд шуда, ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии хароҷоти низоми бонкӣ мувофиқан ба 14,0 фоиз ва 86,0 фоиз баробар гардид.

Ҷиҳати муайян намудани сатҳи муътадилии даромадҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ таносуби даромади фоизии холис нисбат ба даромади умумӣ ҳисоб карда шуд, ки то чӣ андоза аз фоизҳо вобаста будани онҳоро нишон медиҳад. Нишондиҳандаи мазкур дар ҷамъбасти соли ҳисоботӣ 52,3 фоизро ташкил дод.

***Диаграммаи 3.16. Меъёри фоизи миёнавазн аз рӯйи пасандозҳои муҳлатнок ва қарзҳо (бо пули миллӣ)***




***Диаграммаи 3.17. Меъёри фоизи миёнавазн аз рӯйи пасандозҳои муҳлатнок ва қарзҳо (бо асъор)***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Сарчашмаи асосии ташаккули даромадҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дороиҳои даромаднок ба ҳисоб рафта, дар интиҳои соли 2025 ба 57,5 фоизи дороиҳои низоми бонкӣ баробар гардиданд.

Давоми чанд соли охир фоизи миёнавазни қарзҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ раванди коҳишёбӣ дошта, дар интиҳои соли 2025 мутаносибан ба 22,6 фоиз ва 11,7 фоиз баробар гардид.

Қобили қайд аст, ки пасандозҳо яке аз сарчашмаҳои муҳимми маблағгузории дохилӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба ҳисоб рафта, ба рушди фаъолияти низоми бонкӣ ва иқтисодиёти кишвар мусоидат менамоянд. Дар ин раванд, меъёри фоизи қарзҳо аз арзиши пасандозҳо вобастагӣ дошта, бо пастшавии арзиши пасандозҳо шароити мусоид ҷиҳати пешниҳоди қарзҳо бо меъёрҳои фоизии нисбатан дастрас фароҳам меояд.

### 3.2.6. Хавфи қобили пардохт

Меъёри кифоятии сармоя (К1-1) дар ҷамъбасти моҳи декабри соли 2025 дар сатҳи 23,1 фоиз таъмин карда шуд, ки аз ҳудуди муқарраршуда ба андозаи 11,1 б.ф. зиёд мебошад. Қобили зикр аст, ки дар соли ҳисоботӣ нишондиҳандаи меъёри кифоятии сармоя (К1-1) аз ҷониби ҳамаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ тибқи талабот иҷро карда шуд.

***Диаграммаи 3.18. Кифоятии сармоя дар низоми бонкӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Меъёрҳои кифоятии сармоя (К1-2) ва (К1-3) ҳам дар доираи талаботи муқарраршуда иҷро гардида, мутаносибан ба 16,0 фоиз ва 18,2 фоиз баробар шуданд. Дар ҷамъбасти соли ҳисоботӣ талаботи меъёри (К1-2) танҳо аз ҷониби як бонк иҷро нагардид.

**Фишорсанҷиш**

Ҷиҳати муайян намудани таъсири хавфи қарзӣ ба МКС бо назардошти тибқи танзимот ташкил намудани ФПТИ ва зарбаҳо бо ду сенария – зиёдшавии ҚҒФ ба андозаи 5 б.ф. (сенарияи якум) ва 10 б.ф. (сенарияи дуюм) фишорсанҷиш гузаронида шуд.

***Ҷадвали 3.1. Таъсири ҳассосияти хавфи қарзӣ ба МКС аз рӯйи натиҷаи фишорсанҷиш (ба ҳолати 31 декабри соли 2025)***

| | Низоми бонкӣ | Бонкҳо | Бонкҳои низомсоз | Бонкҳои хориҷӣ | ТАҚХ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳолати аслӣ** | | | | | |
| - ҚҒФ | 6,7% | 6,9% | 12,8% | 1,9% | 2,9% |
| - ФПТИ барои ҚҒФ | 106,5% | 107,4% | 99,2% | 90,4% | 68,4% |
| - МКС (К1.1) | 23,1% | 23,1% | 23,9% | 18,1% | 24,0% |
| **Таъсир ба МКС (К1.1)** | | | | | |
| - ташкили ФПТИ тибқи танзимот | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 0,0% | -0,1% |
| - зиёд гардидани ҚҒФ ба миқдори 5 б.ф. | -0,9% | -0,9% | -1,0% | -1,3% | -0,8% |
| - зиёд гардидани ҚҒФ ба миқдори 10 б.ф. | -1,8% | -1,8% | -2,0% | -2,8% | -1,7% |
| **МКС (К1.1) пас аз зарба** | | | | | |
| - ташкили ФПТИ тибқи танзимот | 23,1% | 23,1% | 23,9% | 18,1% | 23,9% |
| - зиёд гардидани ҚҒФ ба миқдори 5 б.ф. | 22,3% | 22,2% | 23,0% | 16,8% | 23,1% |
| - зиёд гардидани ҚҒФ ба миқдори 10 б.ф. | 21,3% | 21,2% | 21,9% | 15,3% | 22,2% |

*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Ба ҳисоби миёна МКС пас аз зарба аз рӯйи сенарияҳо барои низоми бонкӣ мувофиқан дар ҳудуди 22,3 фоиз ва 21,3 фоиз қарор мегирад, ки аз меъёри муқарраршуда (12 фоиз) зиёд мебошад. Бояд қайд намуд, ки пас аз татбиқи сенарияҳои болозикр новобаста аз нисбатан коҳишёбии МКС, норасоии сармоя дар низоми бонкӣ ба назар намерасад.

### 3.2.7. Хавфи ҳамбастагӣ

**Хавфи ҳамбастагӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ба ҳолатҳое ишора менамояд, ки вобастагии байни маблағҳои ҷалбшуда ва ҷойгиркардашуда метавонад ба сатҳи устувории молиявӣ таъсири манфӣ расонад**. Ба таври дигар, хавфи ҳамбастагӣ ин хатари паҳн шудани мушкилоти молиявӣ аз як ташкилоти қарзӣ ба дигар ташкилотҳои қарзӣ ё ба тамоми низоми молиявӣ буда, ба он ишора мекунад, ки ташкилотҳои қарзӣ бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд ва хавфҳои муштарак доранд.

Хавфи мазкур барои низоми бонкӣ муҳим ба ҳисоб рафта, метавонад ба пардохтпазирӣ, устуворӣ ва қобилияти идоракунии хавфҳо таъсир расонад. Зеро дар ҳолати ба мушкилӣ дучор гардидани ташкилоти қарзие, ки сатҳи зиёди ҳамбастагӣ дорад, сабаби зиёд шудани хавфи таҷаммуъ ва боиси ба вуҷуд омадани хавфи низом мегардад.

***Диаграммаи 3.19. Ҳамбастагӣ аз рӯйи амалиёт***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Таҳлили ҳамбастагӣ байни 34 ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи амалиёти қарзӣ, ҷойгиркунӣ ва гузаронидани амалиёти муросилотӣ тавассути суратҳисобҳои муросилотӣ гузаронида шуд. Бояд қайд намуд, ки гузаронидани амалиёт байни 2 ташкилоти қарзӣ аз рӯйи се амалиёт хавфи эҳтимолии дучоршавии ҳамбастагиро нишон медиҳад.

Ҳамбастагии низоми молиявӣ, ки тавассути робитаҳои мустақим ва ғайримустақими молиявӣ ба вуҷуд меояд, як омили пайдоиши хавфи низом мебошад. Ин робитаҳо ба он оварда мерасонанд, ки зарбаҳо аз як иштирокчии бозор ба дигар иштирокчиён интиқол ёфта, ба ин васила хавф дар тамоми низоми молиявӣ паҳн шавад.

### 3.2.8. Хавфи ҷуғрофӣ

Ҳамбастагии бурунмарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон масъалаи муҳиме мебошад, ки ба сатҳи устувории молиявӣ ва низоми бонкӣ таъсир мерасонад. Ҳамбастагӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва бонкҳои хориҷӣ метавонад манфиатҳои молиявӣ, дастрасӣ ба технологияҳои пешрафта ва таҷрибаи идоракуниро таъмин намояд. Вале дар баробари ин, он таъсири эҳтимолии як қатор хавфҳоро зиёд менамояд

Маълумоти дастрасбуда аз он шаҳодат медиҳад, ки ташкилотҳои қарзии ватанӣ дар соли ҳисоботӣ маблағҳои худро дар ҳаҷми умумии 3,3 млрд сомонӣ дар ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявии мамолики хориҷ ҷойгир намуда, аз онҳо дар ҳаҷми 4,4 млрд сомонӣ маблағҳоро ҷалб намудаанд. Қобили қайд аст, ки маблағҳои аз сарчашмаҳои бурунмарзӣ ҷалбнамудаи ташкилотҳои қарзӣ 16,1 фоизи сандуқи қарзии низоми бонкиро ташкил медиҳад. Илова бар ин, 54,5 фоизи маблағҳои ҷалбшуда ба ташкилотҳои молиявии хориҷӣ рост меояд.

***Диаграммаи 3.20. Ҳамбастагии бурунмарзии ташкилотҳои қарзӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Қайд кардан бамаврид аст, ки қарзҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, одатан, бо шартҳои беҳтари фоизӣ ҷалб шуда, ҳамкорӣ бо онҳо эътимоди сармоягузорони дохилӣ ва хориҷиро ба ташкилоти қарзӣ зиёд менамояд. Саҳмдорони ташкилотҳои қарзие, ки аз хориҷи кишвар маблағҳоро зиёд ҷалб намудаанд, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ мебошанд. Саҳҳомони хориҷӣ метавонанд ба ташкилоти қарзӣ сармояи зиёд ворид намуда, қобилияти қарздиҳии онҳоро бештар намоянд. Ҳамчунин, ҳузури саҳҳомони хориҷӣ ташкилотҳои қарзиро ба шабакаҳои байналмилалии молиявӣ пайваст намуда, барои рушди ҳамкорӣ бо муассисаҳои молиявӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

## 4. НИЗОМИ ПАРДОХТ

**Низоми пардохт яке аз ҷузъҳои асосии инфрасохтори молиявӣ буда, гардиши муомилоти ғайринақдии кишварро таъмин менамояд. Вазифаи БМТ дар самти низоми пардохт пеш аз ҳама таъмини фаъолияти самаранок ва мунтазами низомҳои пардохтӣ, анҷомдиҳии саривақтӣ ва бехатарии ҳисоббаробаркунӣ ва пардохтҳо дар кишвар мебошад.**

**Кортҳои пардохтии бонкӣ.** Ба санаи 31 декабри соли 2025 миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 10,4 млн ададро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта ба андозаи 23,7 фоиз зиёд мебошад. Аз шумораи умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 51,7 фоиз ба кортҳои пардохтии Низоми пардохти миллии “Корти миллӣ”, 13,9 фоиз ба кортҳои пардохтии муштаракнишони “Express Pay - Корти миллӣ”, 21,0 фоиз ба кортҳои низомҳои пардохтии байналмилалӣ (Visa, Mastercard ва UnionPay),  9,6 фоиз ба кортҳои “UnionPay-Корти миллӣ”, 1,9 фоиз ба кортҳои пардохтии низомҳои дохилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва 1,9 фоиз ба кортҳои пардохтии Низоми пардохтии “Express Pay” мансуб мебошанд.

***Диаграммаи 4.1. Шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ (млн адад)***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Тақсимоти шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ аз рӯйи минтақаҳо нишон медиҳад, ки дар давраи ҳисоботӣ аз шумораи умумии онҳо 34,8 фоиз ба шаҳри Душанбе, 25,3 фоиз ба вилояти Суғд, 23 фоиз ба вилояти Хатлон, 15,4 фоиз ба ШНТҶ ва 1,5 фоиз ба ВМКБ рост меояд.

***Диаграммаи 4.2. Ҳиссаи кортҳои пардохтии бонкӣ аз рӯйи низомҳои пардохтӣ***




***Диаграммаи 4.3. Ҳиссаи кортҳои пардохтии бонкӣ аз рӯйи минтақаҳо***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

**Ҳамёнҳои электронӣ.** Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир истифодаи ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар кишвар босуръат афзуда, шумораи умумии онҳо ба санаи 31 декабри соли 2025 ба 17,7 млн адад расид, ки нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта ба миқдори 5,6 млн адад ё 46,4 фоиз зиёд мебошад. Дар давоми соли ҳисоботӣ 27 ташкилоти қарзии молиявӣ хизматрасониҳоро тариқи ҳамёнҳои электронӣ пешниҳод намуданд.

***Диаграммаи 4.4. Шумораи ҳамёнҳои электронӣ (адад)***




***Диаграммаи 4.5. Шумора ва ҳаҷми амалиёт тавассути ҳамёнҳои электронӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Дар соли 2025 тавассути ҳамёнҳои электронӣ 22 303,4 ҳаз адад амалиёти пардохти ғайринақдӣ ба маблағи 3 727,6 млн сомонӣ анҷом дода шуд, ки нисбат ба соли гузашта мувофиқан 20,5 фоиз ва 25,6 фоиз зиёд мебошад.

**Инфрасохтори пардохтӣ.** Ба санаи 31 декабри соли 2025 инфрасохтори пешниҳоди пули нақд аз 3 453 адад банкомат ва 4 991 адад терминали электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд иборат буд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2024 мувофиқан ба андозаи 14,9 фоиз ва 30,8 фоиз зиёд мебошанд.

Илова бар ин, барои анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ ба санаи ҳисоботӣ дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ 9 017 POS-терминал насб карда шуд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2024 ба андозаи 10,8 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ 28 762 QR – рамзи ягона насб карда шуд, ки дар муқоиса ба 31 декабри соли 2024 ба андозаи 44,4 фоиз зиёд мебошад. Шумораи терминалҳои худкори худхизматрасон бошад, ба санаи ҳисоботӣ ба 7 330 адад баробар гардид.

***Диаграммаи 4.6. Динамикаи рушди инфрасохтори пардохтӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

**Амалиёти ғайринақдӣ.** Дар соли 2025 бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 136,0 млн адад амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 42,4 млрд сомонӣ гузаронида шуд, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба соли 2024 аз рӯйи шумора 47,1 фоиз ва аз рӯйи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 39,8 фоиз зиёд мебошанд.

***Диаграммаи 4.7. Ҳаҷми амалиёт бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ***




*Манбаъ:маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Таносуби ҳаҷми амалиёти гирифтани пули нақд ва пардохтҳои ғайринақдии молу хизматрасонӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ дар маҷмуъ 70,6 фоиз ба 29,4 фоизро ташкил дод, ки ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар муқоиса ба соли 2024 ба андозаи 3,2 б.ф. зиёд мебошад. Танҳо дар моҳи декабри соли 2025 ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ нисбат ба моҳи декабри соли 2024 ба андозаи 9,4 б.ф. афзуда, 38,9 фоизро ташкил дод.

Вазъи ҷории рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ нишон медиҳад, ки аксари соҳибкорони бахши хусусӣ аз насби POS-терминал, QR-рамз ва қабули пардохти ғайринақдӣ худдорӣ мекунанд, ки ин ҳолат барои гузариши пурра ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ монеаи ҷиддӣ эҷод менамояд.

Мушкилоти дигаре, ки дар бахши давлатӣ вуҷуд доранд, ин аз тарафи баъзе мақомот то ҳол қабул гардидани пули нақд аз аҳолӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии музднокии давлатӣ, бо истифодаи корти пардохтии корманди мақомоти давлатӣ пардохт намудани маблағи хизматрасонии давлатӣ ва ғайрифаъол мондани терминалҳои электронӣ ба ҳисоб меравaнд.

# 5. НИЗОМИ СУҒУРТА

**Соҳаи суғурта ҳамчун ҷузъи муҳимми низоми молиявии кишвар дар таъмини суботи макроиқтисодӣ, ҳифзи манфиатҳои молиявии аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ, инчунин рушди устувори низоми молиявӣ нақши назаррас дорад. Дар шароити муосири рушди иқтисодӣ тақвияти механизмҳои идоракунии хавфҳо яке аз омилҳои асосии таъмини суботи молиявӣ ба ҳисоб меравад.**

Суғурта ба сифати механизми самараноки тақсимоти хавфҳо баромад намуда, таъсири манфии офатҳои табиӣ, садамаҳо, хавфҳои истеҳсолӣ ва дигар ҳолатҳои ғайричашмдоштро коҳиш медиҳад ва ба ин васила сарбории молиявиро ба буҷети давлатӣ кам менамояд.

Баҳри расидан ба ҳадафҳои созандаи ҳукумати кишвар, БМТ ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ татбиқи ислоҳоти соҳаи суғуртаро роҳандозӣ намуда истодааст, ки ба таъмини суботи низоми молиявии мамлакат таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар соли сипаришуда ҷиҳати идомаи ислоҳоти пешгирифтаи низоми суғуртаи мамлакат як қатор корҳо амалӣ карда шуданд, ки минбаъд шаффофият, устуворӣ ва эътимоднокии соҳаро таъмин намуда, ба ин васила заминаи мусоиди рушди онро фароҳам меорад.

**Нишондиҳандаҳои асосии низоми суғурта**

Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 дар ҳудуди ҶТ 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ фаъолият намуданд. Аз ин теъдод 2 ташкилоти суғуртавӣ ба фаъолияти азнавсуғуртакунӣ низ машғул мебошанд. Дар соли ҳисоботӣ 66 адад филиалҳо ва 6 адад намояндагиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ хизматрасониҳои худро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд.

***Диаграммаи 5.1. Сохтори низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо адад)***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Дар соли ҳисоботӣ шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ дар қиёс ба соли 2021, бинобар татбиқи сиёсати аз миқдор ба сифати БМТ ҷиҳати таъмини шаффофият дар бозори суғурта ба миқдори 4 адад кам гардидааст.

Натиҷаи ҷамъбасти фаъолияти низоми суғуртаи кишвар дар соли 2025 нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои асосии соҳа рушди устувор доштанд.

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар соли 2025 ба 1 141,2 млн сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба соли қаблӣ ба маблағи 239,7 млн сомонӣ ё ба андозаи 26,6 фоиз зиёд мебошанд.

***Диаграммаи 5.2. Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ***




*Манбаъ:маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Тағйирёбии ҳаҷми умумии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои охир нишон медиҳад, ки соҳа ба таври устувор рушд намуда, тавассути таъсири занҷиравӣ ба воситаи низоми бонкӣ таъсири худро ба низоми молиявии кишвар ва дар умум ба иқтисоди миллӣ расонида истодааст. Ин раванд дар он асос меёбад, ки ҳамасола ҳаҷми пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ, пасандозҳои бонкӣ, сармоягузориҳо, андозҳои пардохташуда ва фоидаи бадастомадаи соҳаи суғурта тамоюли афзуншавӣ доранд.

Илова бар ин, сифати дороиҳои низоми суғуртаи кишвар ба тадриҷ беҳтар гардида, сатҳи дороиҳои пардохтпазир дар соли 2025 ба 80,2 фоиз баробар гардид, ки устувории молиявии соҳаро ифода менамояд. Дар соли ҳисоботӣ дороиҳои низоми суғурта ба 1,7 фоизи дороиҳои умумии низоми молиявӣ баробар гардида, нисбат ба ММД 0,6 фоизро ташкил дод.

Афзоиши дороиҳои низоми суғурта дар соли ҳисоботӣ асосан аз ҳисоби зиёдшавии бомароми сармояи худӣ ба амал омад. Дар соли 2025 сармояи худии низоми суғурта ба 713,2 млн сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли қаблӣ ба андозаи 28,8 фоиз зиёд мебошад. Вобаста ба ин, меъёрҳои мақбули муқаррарнамудаи мақоми назорати суғуртавӣ аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ риоя гардида, устувории молиявии низом низ давра ба давра таъмин гардида истодааст.

***Диаграммаи 5.3. Сармояи умумии низоми суғурта***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Мукофоти суғуртавӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми инъикоскунандаи фаъолнокии ташкилотҳои суғуртавӣ ва сарчашмаи асосии даромади онҳо маҳсуб ёфта, дар соли 2025 маблағи 456,8 млн сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ ба андозаи 9,9 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2025 пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ дар муқоиса ба соли қаблӣ ба андозаи 2,1 маротиба зиёд гардида, маблағи 60,2 млн сомониро ташкил дод.

***Диаграммаи 5.4. Тағйирёбии мукофот ва пардохти суғуртавӣ***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Пардохти суғуртавӣ нисбат ба солҳои қаблӣ зиёд шуда бошад ҳам, аммо он ҳанӯз дар сатҳи паст қарор дорад, ки яке аз мушкилоти мавҷудаи соҳаи суғуртаи кишвар ба ҳисоб рафта, андешидани чораҳои заруриро тақозо менамояд.

Мушкилоти дигари соҳа сатҳи пасти боварии аҳолӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ мебошад, ки ба сифати хизматрасонӣ, таносуби пардохту ҷубронҳои суғуртавии умумӣ ва устувории молиявии низом вобастагии амиқ дорад.

Шумораи шартномаҳои суғуртаи басташуда ифодакунандаи фаъолнокии низоми суғуртаи кишвар буда, дар соли 2025 ба 2,5 млн адад баробар гардид, ки дар қиёс ба соли қаблӣ ба андозаи 8,7 фоиз зиёд мебошад.

Хавфҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар соли 2025 маблағи 119,9 млрд сомониро ташкил доданд. Дар робита ба ин, хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар соли ҳисоботӣ маблағи 59,5 млрд сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба соли 2024 ба андозаи 42,5 фоиз кам мебошанд. Нишондиҳандаи мазкур аз як тараф вобаста ба идоракунии самараноки хавфҳои суғуртавӣ мусбӣ арзёбӣ гардида, аз тарафи дигар, бинобар боқӣ мондани хавфҳои калони суғуртавӣ, ба суботи молиявии низом метавонад таъсири манфӣ расонад.

Захираҳои суғуртавӣ, ки далели саривақт иҷро гардидани уҳдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мебошанд, дар муқоиса ба соли 2024 ба андозаи 37,8 фоиз зиёд шуда, дар соли ҳисоботӣ ба 352,0 млн сомонӣ баробар гардиданд. Тамоюли мазкур аз ҳисоби беҳтар шудани танзиму назорат дар самти ташаккулдиҳии захираҳои суғуртавӣ ва татбиқи амалии принсипҳои асосии суғурта дар низом ба амал омада, ба ин васила минбаъд устувории соҳаи суғуртаро таъмин хоҳад намуд.

***Диаграммаи 5.5. Фоидаи софи низоми суғурта***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Дар соли 2025 фоидаи софи низоми суғурта дар муқоиса ба соли қаблӣ ба андозаи 5,2 фоиз афзуда, ба 130,4 млн сомонӣ баробар гардид, ки он зиёдшавии андозҳои ба буҷети давлатӣ пардохташудаи ташкилотҳои суғуртавиро нишон медиҳад. Дар давраи ҳисоботӣ андозҳои ба буҷети давлатӣ пардохташудаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар қиёс ба соли 2024 ба андозаи 29,6 фоиз зиёд шуда, 56,8 млн сомониро ташкил доданд.

***Диаграммаи 5.6. Дурнамои рушди низоми суғурта дар давраи миёнамуҳлат***




*Манбаъ: маълумот ва ҳисобҳои БМТ.*

Ҳамаи дастовардҳои соҳаи суғуртаи кишвар аз дурнамои миёнамуҳлати пешбининамудаи БМТ сарчашма гирифта, фаъолияти соҳаи суғурта бо назардошти татбиқи саривақтии ислоҳоти бонкӣ банақшагирифташуда дар доираи дурнамо мусбӣ ҷамъбаст гардид.

## 6. КОРҲОИ АНҶОМШУДА ДАР САМТИ ТАЪМИНИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ

БМТ дар давоми соли 2025 фаъолияти худро дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти ҶТ баҳри солимгардонии низоми бонкии кишвар, татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ ҷиҳати нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо ва қурби пули миллӣ, мукаммалсозии инфрасохтори низоми бонкӣ, ҷоннок намудани миёнаравии молиявӣ, баланд бардоштани эътимоди мардум нисбат ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва таъмини устувории молиявии низоми бонкию суғурта равона намуд.

1. Тибқи “Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026 ва давраи миёнамуҳлат” аз рӯйи иҷрои қисми бештари принсипҳои асосии реҷаи ҳадафгирии таваррум, БМТ тасмим гирифт, ки шуруъ аз соли 2026 ба пешбурди реҷаи ҳадафгирии таваррум гузарад ваислоҳоти зарурии боқимондаро мунтазам амалӣ намояд.

2. Дастурамали №262 “Оид ба захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи пасандозҳо ва ӯҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд” дар таҳрири нав таҳия карда шуд (қарори Раёсати БМТ аз 18 апрели соли 2025, №58).

3. Ба Дастурамали №189 “Дар бораи коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон” тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд (қарори Раёсати БМТ аз 4 ноябри соли 2025, №137).

4. Ба низомномаҳои “Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон” ва “Кумитаи қарзии Бонки миллии Тоҷикистон” тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

5. Бо мақсади ҷорӣ намудани фишангҳои нави пулию қарзии исломӣ баҳри танзими сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии исломӣ ҳамкориҳо бо Бонки Осиёии Рушд ба роҳ монда шуда, якчанд вохӯриҳо гузаронида шуданд, инчунин ташрифи коршиносони байналмилалӣ барои омӯзиши бозор ва гузаронидани суҳбатҳои ҳузурӣ бо ташкилотҳои қарзии исломӣ ба роҳ монда шуда, корҳо дар ин самт идома доранд.

6. Ҷиҳати омӯзиш ва ташхиси сохтори бозори пул дар ҶТ дар ҳамкорӣ бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва ширкати OG Research якчанд чорабиниҳои муҳим баргузор карда шуда, бо мақсади тақвият додани таъсирбахшии фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ, таҳкими модели QPM ва такмили иқтидори таҳлилию тадқиқотии кормандон якчанд кӯмакҳои техникӣ пешниҳод карда шуданд.

7. Дар доираи Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (Policy Consultation Instrument) равзанаи ягонаи иттилоотӣ оид ба қурбҳои амалиётии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯйи ҳамаи қисматҳои бозор (нақдӣ, ғайринақдӣ, ҳамёни электронӣ, кортҳо, интиқоли маблағ) ҷорӣ карда шуд. Ин иқдом шаффофияти бозори асъорро ба сатҳи сифатан нав бароварда, имконият фароҳам овард, ки иштирокчиёни бозор қарорҳои худро дар асоси маълумоти дақиқ, муқоисавӣ ва дастрас қабул намоянд. Ҳамзамон, ин раванд ба маҳдуд гардидани таҷрибаи бисёрқурбӣ, коҳиш ёфтани хавфҳои манипулятсияи қурбӣ ва рушди рақобати солим дар бозори асъор мусоидат намуд.

8. Дастурамали №261 “Дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ” таҳия ва бо қарори Раёсати БМТ аз 17 январи соли 2025, №17 тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи ҶТ аз 21 апрели соли 2025, №1338 ба қайд гирифта шуд.

9. “Тартиби анҷом додани мудохилаҳои асъорӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон” таҳия ва бо қарори Раёсати БМТ аз 31 декабри соли 2025, №167 тасдиқ шуд, ки ҷиҳати

гузаронидани мудохилаҳои асъорӣ дар доираи талаботи ХБА ва таҷрибаи муосир замина гузошт.

10. Бо мақсади татбиқи сиёсати ягона ва шаффофи асъорӣ дар доираи речаи қурбии «шинокунандаи танзимшаванда», танзими бозори дохилии асъор ва баланд бардоштани масъулияти иштирокдорони бозори асъор ҳангоми анҷом додани амалиёти асъорӣ бо мизоҷон, дар роҳи таъмини иҷрои талаботи банди 18 Дастурамали №251 "Дар бораи соҳаи истифода, тартиби муомилоти асъори хориҷӣ, тартиб ва қоидаҳои додан ва бозхонд намудани иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ дастури БМТ аз 30 июни соли 2025, №07.6 – 733/2525 дода шуд.

11. БМТ ҷиҳати аз байн бурдани номутобиқатиҳо дар байни санадҳои танзимкунандаи амалиёти асъорӣ, дар доираи татбиқи чораҳо ҷиҳати беҳтар намудани фаъолияти бозори асъор, боз ҳам озод намудани раванди амалиёти асъорӣ, рафъи маҳдудиятҳо ва аз байн рафтани муҳиммият ва моҳияти баъзе аз дастурҳо вобаста ба танзиму назорати бозори дохилии асъор ва анҷоми амалиёти асъорӣ, марҳила ба марҳила бо мактуб (аз 13 августи соли 2025, №07.6-924/3210) 29 адад дастури қаблан ирсолгардидаро аз эътибор соқит намуд.

12. БМТ ҷиҳати таҳким бахшидани фаъолияти босуботи низоми бонкӣ ва таъмини рушди устувори он дар кишвар, инчунин беҳтар кардани сифати дороиҳо, пурзӯр намудани низоми идоракунии хавфҳо, зиёд намудани сармояи асосӣ, такмил додани усулҳои танзим, назорат ва батанзимдарории фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва баланд бардоштани эътимоднокии аҳолӣ ба низоми бонкӣ дар доираи салоҳияти худ корҳои заруриро анҷом дода истодааст.

13. Бо мақсади боз ҳам коҳиш додани хавфи қарзӣ ва беҳтар намудани сифати дороиҳо дар низоми бонкӣ, як қатор ташкилотҳои қарзӣ тибқи дархости БМТ нақшаи чорабиниҳо оид ба баргардонидани ҚҒФ, қарзҳо ва фоизҳои ғайринизомӣ ва фурӯши молу мулки барои бозфурӯш дар тавозуни онҳо мавҷудбуда таҳия намуда, вобаста ба иҷрои он ҳар моҳ ҳисобот пешниҳод менамоянд.

14. Ҷиҳати паст кардани фоизи қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешниҳодшаванда бо фармонҳои раиси БМТ гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, таҳлилҳои зарурӣ дар самти муайян намудани арзиши қарз, истифодаи пурраи иқтидорҳои ҷойдоштаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва коҳиш додани ҳиссаи хароҷоти дуюминдараҷа пайваста гузаронида мешаванд.

15. Барои таъмини фаъолияти шаффофи ташкилотҳои қарзии молиявӣ, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ва ҷалби маблағгузориҳо, маълумот дар бораи саҳмиядорони асосии бонкҳо, сармоягузории бонкҳо ба сармояи дигар ташкилотҳову корхонаҳо ва нишондиҳандаҳои асосии молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мунтазам дар сомонаи БМТ нашр карда мешавад.

16. "Роҳнамо оид ба тартиби муайян намудани манфиатдори ниҳоии (молики) ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва механизми истифодаи ин маълумот дар ҷараёни назорати бонкӣ" қабул карда шуд (бо Фармони БМТ аз 30 апрели соли 2025, №74/фф).

17. Бо қарори Раёсати БМТ аз 8 июли соли 2025, №90 "Тартиби таҳия ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ" тасдиқ гардида, аз 11 августи соли 2025, №1354 дар Вазорати адлияи ҶТ ба қайд гирифта шуд.

18. Бо қарори Раёсати БМТ аз 30 июни соли соли 2025, №86 “Номгӯйи маълумоти тавсиявӣ барои нишон додан дар полиси суғуртавӣ” тасдиқ карда шуда, мавриди амал қарор дода шуд.

19. Бо қарори Раёсати БМТ аз 24 ноябри соли соли 2025, №145 “Феҳристи ҳисобҳои тавозунӣ барои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)” ва “Тавсифи ҳисобҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)” тасдиқ карда шуда, мавриди амал қарор дода шуданд.

20. Лоиҳаи Қонуни ҶТ “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт” таҳия карда шуд.

21. Лоиҳаи “Стратегияи БМТ оид ба рушди низоми суғурта барои солҳои 2026-2030” ва Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии он таҳия гардида, барои баррасӣ ба Раёсати БМТ пешниҳод карда шуданд.

22. Дар ҳисоботи таҳиянамудаи БҶ оид ба риояи стандартҳо ва кодексҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар ҶТ, низоми суғуртаи мамлакат якумин маротиба дар сатҳи байналмилалӣ баҳогузорӣ карда шуда, ба он рейтинг дар сатҳи 2,3 муносиб дониста шуд.

23. Бо мақсади татбиқи самараноки Фармони Президенти ҶТ аз 22 июни соли 2023, №586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” ба Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” аз 2 январи соли 2025 иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд, ки анҷом додани ҳамаи амалиёти суғуртавиро ба таври ғайринақдӣ пешбинӣ намудаанд.

24. Бо мақсади рақамикунонии соҳаи суғуртаи кишвар дар ҳамкорӣ бо Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти ҶТ дар бахши “Низоми суғурта”-и сомонаи БМТ “Низоми ягонаи суғуртаи электронӣ” таҳия ва барои истифодаи умум ҷойгир карда шуд, ки барои рушди минбаъдаи соҳаи суғуртаи кишвар, мутобиқ гардонидани он ба стандартҳои байналмилалӣ, таъмини шаффофият ва рақобати солим дар соҳа мусоидат менамояд.

25. Ба “Тартиби интиқоли фаромарзии маблағҳо ва фаъолияти низомҳои пардохтии анҷомдиҳандаи чунин интиқолҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд (қарори Раёсати БМТ аз 23 июли соли 2025, №96 ).

26. Ба “Тартиб оид ба ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ ва амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо” тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд (қарори Раёсати БМТ аз 7 январи соли 2025, №12 ).

27. Ба Дастурамали №201 “Дар бораи хизматрасонии фосилавии бонкӣ” тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд (қарори Раёсати БМТ аз 30 июни соли 2025, №88).

28. Рушди босуръати воситаҳои электронии пардохтӣ таъмин гардид (кортҳои пардохтии бонкӣ ба андозаи 23,7 фоиз ва ҳамёнҳои электронӣ ба андозаи 46,4 фоиз афзуданд).

29. Дар самти рушди низомҳои пардохтӣ афзоиши устувори шумораи иштирокдорон – ташкилотҳои қарзии молиявӣ таъмин гардид:

– Низоми пардохтии миллии “Корти миллӣ” – 32 ташкилотҳои қарзии молиявӣ (зиёдшавӣ 3,2 фоиз);

– Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо – 33 ташкилотҳои қарзии молиявӣ (зиёдшавӣ 6,5 фоиз) ва 4 низоми пардохтии байналмилалӣ (зиёдшавӣ 33,3 фоиз);

– Низоми пардохтии “ВАТАН” – 29 ташкилотҳои қарзии молиявӣ (зиёдшавӣ 7,4 фоиз);

– НПБ “Mastercard” (TJDS) – 6 ташкилотҳои қарзии молиявӣ (зиёдшавӣ 50,0 фоиз);

– НПБ “UnionPay” (TJNNSS) – 10 ташкилотҳои қарзии молиявӣ (зиёдшавӣ 42,9 фоиз);

– Низоми «QR – рамзи ягона» – 28 ташкилотҳои қарзии молиявӣ (зиёдшавӣ 7,7 фоиз).

Дар баробари ин, ҳаҷми пардохтҳои байнибонкӣ тавассути низоми мазкур 147 фоиз афзуда, ба 1,6 млрд сомонӣ расид.

30. Инфрасохтори қабули пардохтҳо бо истифода аз POS – терминал ва QR – рамзи ягона ба таври назаррас густариш ёфт: 9 017 POS – терминал (12,0 фоиз зиёдшавӣ) ва 28 762 QR – рамзи ягона дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ (44,4 фоиз зиёдшавӣ).

31. Шумора ва ҳаҷми амалиёти ғайринақдӣ ба таври назаррас зиёд гардиданд:

– бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 136,0 млн амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 42,4 млрд сомонӣ гузаронида шуд, ки нисбат ба соли 2024 аз рӯйи шумора 47,1 фоиз ва аз рӯйи ҳаҷми амалиёт 39,8 фоиз зиёд мебошанд;

– ҳиссаи амалиёти ғайринақдии пардохти молу хизматрасонӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ ба 29,4 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба соли 2024 ба андозаи 3,2 б.ф. зиёд мебошад.

32. Барои анҷом додани фаъолияти оператори низоми пардохтӣ ба ҶДММ “БЭСТ” оператори низоми пардохтии “БЭСТ”, ҶДММ “Цифровой платёж” оператори низоми пардохтии “SENDY” ва ҶДММ “Пардохти Осон” оператори низоми пардохтии “EASY PAY” иҷозатномаҳо дода шуданд.

33. Дар самти иҷрои фармони Президенти ҶТ аз 22 июни соли 2023, №586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” корҳои назаррас анҷом дода шуданд:

– барои қабули пардохтҳои давлатӣ дар вазорату идораҳо, муассисаю ташкилотҳои давлатӣ 5 983 POS – терминал ва 5 397 QR – рамзи ягона насб карда шуданд;

– барои қабули маблағи хизматрасонии давлатӣ замимабарномаҳои мобилии 29 ташкилотҳои қарзии молиявӣ мавриди истифода қарор дода шуданд;

– гурӯҳҳои кории назорати татбиқи фармони Президенти ҶТ аз 22 июни соли 2023, №586 (иборат аз 52 корманди БМТ) ба муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ 6 539 маротиба ташриф оварда, корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом дода шуданд;

– иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи фармони Президенти ҶТ аз 22 июни соли 2023, №586 ба 75,4 фоиз расид.

34. Стратегияи рушди низоми пардохти ҶТ барои солҳои 2015 – 2025 ба пуррагӣ иҷро гардид.

35. Самти “Шабакаҳои таҳвил ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ” – и Стратегияи миллии фарогирии молиявии ҶТ барои солҳои 2022 – 2026 ба пуррагӣ иҷро гардид.

36. Бо мақсади таҳким додани таҳлил ва мониторинги хавфҳо ба “Тартиби таҳияи харитаи хавфҳои низоми молиявӣ” тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд (қарори Раёсати БМТ аз 24 ноябри соли 2025, №61).

# ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| Агентии омор | Агентии омори назди Президенти ҶТ |
| АМА | Аморати Муттаҳидаи Араб |
| БТҚ | Бюрои таърихи қарзҳо |
| БМТ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Бонкҳои хориҷӣ | Бонкҳо бо саҳми сармояи хориҷӣ |
| б.ф. | банди фоизӣ |
| БҶ | Бонки Ҷаҳонӣ |
| Вазорати молия | Вазорати молияи ҶТ |
| ВМКБ | Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон |
| долл ИМА | доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико |
| КВД | Корхонаи воҳиди давлатӣ |
| ҚҒФ | Қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) |
| КСМ | Кумитаи суботи молиявии Бонки миллии Тоҷикистон |
| МКС | Меъёри кифоятии сармоя |
| млн | миллион |
| млрд | миллиард |
| МДСМ | Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила |
| ММД | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ |
| Низоми бонкӣ | Бонкҳо ва ТАҚХ |
| ШНТҶ | Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| ПР | Паҳлӯи рост |
| ПЧ | Паҳлӯи чап |
| СХМ | Соҳибкории хурду миёна |
| ТАҚХ | Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд |
| ТМХ | Ташкилотҳои маблағгузории хурд |
| Россия | Федератсияи Россия |
| ФПТИ | Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир |
| Хазина | Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон |
| ХБА | Хазинаи Байналмилалии Асъор |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |